**Дараҷаи омӯзиши мавзуи таҳқиқот.** Бозори меҳнат аз ҷониби олимони иқтисоддони ватанӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чунончи, асосҳои назариявӣ ва амалияи ташаккули бозори меҳнат дар шароити иқтисоди гузариш аз ҷониби шахсони зерин омӯхта шудаанд: Д.Б. Қодирзода, И.С. Шамсов, Қ.Х. Хушвахтзода, Л.Ҳ. Саидмуродзода, М.Р. Кошонова, Н. Хоналиев, Н.К. Қаюмов, С.Ҷ. Комилов, С.Б. Ашуров, С.М. Ғоибназарзода, Т.Д. Усмонова, Т.Б. Ғаниев, Т.Р. Ризоқулов, Х. Умаров. Муносибатҳои меҳнатӣ, шуғл, шуғли ғайрирасмӣ, даромади аҳолӣ аз љониби А.Ҷ. Азимов, А. Ҷабборов, А.Р. Тошев, Д.Б. Қодиров, Д.С. Амонова, Л.Ҳ. Саидмуродзода, С.Ҷ. Комилов, С.Б. Ашуров, Х. Умаров, Ҳ.Н. Фақеров, Ш. Дӯстбоев, Ш.Б. Ҷонмамадов ва дигарон. Мавзуи мушкилоти танзими бозори меҳнат аз љониби А. Ҷабборов, А. Қурбонов, И.Х. Самандаров, Л.М. Набиева, М.Р. Кошонова, С.Б. Ашуров, Т.Р. Ризоқулов, Ф.А. Аҳмадова, Ш. Ғоибназаров, Ш. Муҳиддинова ва дигарон. Ҷанбаҳои дигари бозори меҳнат, аз қабили муҳоҷирати меҳнатӣ, интиқоли пулии муҳоҷирон, инчунин, таъсири муҳоҷират ба бозори меҳнат аз ҷониби олимони зерин таҳқиқ шудаанд: А.Ҷ. Азимов, М.Р. Кошонова, З.С. Султонов, Р.У. Улмасов, Х. Умаров ва дигарон.

Дар раванди омӯзиши таърифҳои «меҳнат» ва «бозори меҳнат» аз ҷониби мо ақидаҳои як қатор олимони иқтисоддони ватанӣ, аз ҷумла асарҳои Т.Д. Усмонова, М.Р. Кошонова, С.Ҷ. Комилов, Х. Умаров, С.М. Ғоибназарзода, И.С. Шамсов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ба таҳқиқотҳои назариявӣ ва методологии бозори меҳнат олимони хориҷӣ, аз қабили А. Маршалл, А. Пигу, А. Смит, А.А. Федченко, А.И. Тяжов, А.П. Егоршин, А.Я. Кибанов, В.А. Дятлов, В.А. Каменетский, В.В. Травин, В.И.

Мартсинкевич, В.Н. Якимов, Г.И. Сидунова, Д. Рикардо, Ҷ. К. Гэлбрейт, Ҷ.М. Кейнс, Ж.Т. Тошенко, И.В. Соболева, К. Маркс, Л.Н. Абалкин, М. Армстронг, М. Блауг, М. Уорнер, М. Фридман, М.Б. Генкин, М.И. Магура, Н.А. Волгин, П. Ромер, П. Самуэлсон, Р.Лукас, С.В. Шекшня, С.И. Сотникова, Т. Веблен, Э. Денисон, Ю.Г. Одегов ва як қатор олимони дигар саҳми арзанда гузоштаанд. Таҳлили амиқтари ба омӯзиши мушкилоти шуғл ва механизми бозори меҳнат бахшидашуда дар асарҳои Г.А. Абрамчук, И.А. Ашмарова, В.Н. Бобоков, А.К. Дубовик, А.В. Звездинская, С.В. Рязантсева, Л.А. Турчина ва дигарон инъикос ёфтааст.

Худшуғлӣ ва фаъолияти бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави меҳнатӣ аз ҷониби олимони рус, ба монанди Д.О. Стребков, А.В. Шевчук, Н.А. Сорокина, В. Игнаткина, Т.А. Избиенова, А.А. Тселиков, А. Мишина, Н.В. Чаплашкин, М.И. Гурова, В.С. Харченко, Н.М. Воловская, Л.К. Плюшина, Е.Г. Крилова, А.В. Бурлак, В.Д. Рузанова, Е.С. Крюкова, О.Н. Грабова, А.Е. Сугробов, Е.А. Абрамова, А.В. Иноземтсева, А.В. Русина ва дигарон омӯхта шудааст.

**Алоқамандии таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти илмӣ дар алоқамандии зич бо стратегияҳои давлатӣ ва консепсияҳои рушди иқтисодиёти кишвар, аз қабили: «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи рушди шуғли маҳсулнок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040», «Стратегияи рушди иқтисоди сабз барои давраи то соли 2037», инчунин, нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон гузаронида шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади** кори диссертатсионӣ аз тадқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии бозори меҳнат дар шароити трансформатсияи рақамии иқтисодиёт ва таҳияи як қатор тавсияҳо ҷиҳати такмили механизмҳои танзими он иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил шудан ба ҳадафи гузошташуда вазифаҳои зерин муайян ва ҳал карда шуданд:

1. Ошкор ва такмили дастгоҳи категориявии меҳнат ва бозори меҳнат;
2. Дақиқ намудани методологияи таҳқиқи трансформатсияи бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ;
3. Муайян намудани алоқамандии стратегии низоми маориф ва омодакунии кадрҳо дар таъмини шуғли аҳолӣ ва танзими он;
4. Асоснок намудани нақши шуғли деҳот ҳамчун «марказ»-и асосӣ дар бозори умумии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
5. Маънидод ва ҷудо намудани мафҳуми бозори меҳнати «чандирӣ» ва тавсиф додани он;
6. Таҳқиқи категорияи «фриланс» дар низоми институти худшуғлӣ;
7. Ошкор намудани самтҳои афзалиятноки танзими бозори меҳнат дар шароити муосир;

8. Асоснок намудани нақши саводнокии рақамии аҳолӣ ҳамчун омили рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити рақамикунонӣ.

**Объекти таҳқиқот** бозори миллии меҳнат ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ мебошад, ки таҳти таъсири рақамикунонӣ таѓйир меёбад.

**Предмети таҳқиқот.** Қонуниятҳои назариявию методологӣ ва механизмҳои институтсионалии трансформатсияи муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити парадигмаи рақамии рушди иқтисодиёт мебошад.

**Фарзияи таҳқиқоти илмӣ** ба он асос меёбад, ки трансформатсияи бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ гузариши босифатро аз муносибатҳои анъанавии меҳнатӣ ба шаклҳои чандири шуғл, ки ба платформаҳои рақамӣ асос ёфтаанд, оғоз мебахшад. Фарзияи илмӣ дар он ифода меёбад, ки ҳамгироии шуғли платформавӣ ба бозори миллии меҳнат ба рафъи домҳои институтсионалии ташаккулёфта мусоидат намуда, чандирии бозори меҳнатро таъмин мекунад ва он имкон медиҳад таносуби макроиқтисодии тақсимоти боигарии миллӣ тавассути истифодаи самараноки сармояи инсонӣ тағйир дода шавад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Заминаи асосии назариявии таҳқиқотро асарҳои намояндагони илми иқтисоди классикӣ ва муосир, инчунин, корҳои илмии олимони хориҷи дуру наздик оид ба масъалаҳои бозори меҳнат, муносибатҳои нави меҳнатӣ ва шаклҳои фаъолияти меҳнатӣ ташкил додаанд. Ҳамчун асоси методологии таҳқиқот зарурати истифодаи равиши низомӣ асоснок карда шудааст. Бозори меҳнат дар алоҳидагӣ вуҷуд надорад; он низоми кушода ва динамикиро ифода мекунад, ки дар ҳамкории доимӣ бо дигар макронизомҳо: вазъи умумии иқтисодӣ, равандҳои демографӣ, сиёсати иҷтимоӣ, ҳолати технологияҳо ва низоми маориф қарор дорад. Тағйирот дар ҳар яке аз ин низомҳо мустақиман ба нишондиҳандаҳои бозори меҳнат таъсир мерасонанд. Ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти масъалаҳои фаъолияти бозори меҳнат усулҳои зерини умумиилмӣ истифода шудаанд: таҳлил ва синтез, диалектикӣ, иқтисодию оморӣ, низомӣ ва таҳлили муқоисавӣ. Истифодаи ин усулҳо дар таҳқиқот имкон дод, ки ҷойгоҳ ва нақши бозори меҳнат дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурати танзими он дар шароити муносибатҳои нави меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл муайян карда шуда, самтҳои асосии танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл дар шароити рақамикунонӣ илман асоснок карда шаванд.

**Манбаи иттилоотии таҳқиқотро** санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, маълумоти омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузоришҳои Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин, маводи электронии дастраси озод ташкил доданд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар солҳои 2020-2026 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз коркарди минбаъдаи асосҳои рушд ва танзими бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл, инчунин, таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амалии онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат мебошад.

Дар натиҷаи таҳқиқот муқаррароте таҳия шуданд, ки дорои унсурҳои зерини навгонии илмӣ мебошанд:

1. Дастгоҳи категориявии меҳнат ва бозори меҳнат васеъ ва такмил дода шуд;
2. Методологияи таҳқиқи трансформатсияи бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ дақиқ карда шуд;
3. Алоқамандии стратегии байни низоми маориф ва бозори меҳнат муайян карда шуд;
4. Асоснок карда шуд, ки шуғли деҳот ҳамчун «демпфинг» дар бозори умумии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад;
5. Мафҳуми бозори меҳнати чандирӣ љамъбаст гардида, тавсифи чандирии он дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҷудо карда шуд;
6. Категорияи фриланс дар низоми институти худшуғлӣ таҳқиқ карда шуд;
7. Самтҳои афзалиятноки танзими бозори меҳнат дар шароити муосир ошкор карда шуданд;
8. Нақши саводнокии рақамии аҳолӣ ҳамчун омили рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити рақамикунонӣ асоснок карда шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Дақиқ карда шудааст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ дар ташаккул ва рушди иқтисодиёт ҷойи калидиро бозори меҳнат ишғол менамояд, ки ин таҳқиқи моҳият ва мазмуни иҷтимоию иқтисодии онро ҳамчун ҷузъи асосии низоми иқтисодӣ муайян мекунад. Дар асоси дараҷаи омӯхташавии категорияҳои «меҳнат» ва «бозори меҳнат» дастгоҳи мафҳумҳо васеъ гардида, таърифи муаллифии ин категорияҳо пешниҳод шудааст, ки он чунин аст: дар шароити рақамикунонӣ меҳнат ин фаъолияти мақсадноки инсон барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мебошад, ки дар асоси ҳамгироии малакаҳои анъанавӣ ва донишҳои рақамӣ амалӣ мегардад. Пас, меҳнат ин на танҳо раванди сарфи қувваи ҷисмонӣ, балки раванди динамикии сармоякунонии донишҳои зеҳнии инсон буда, бозори меҳнат ин низоми динамикии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатӣ мебошад, ки ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёт буда, ташаккул ва фаъолияти бозорҳои дигарро таъмин менамояд. Аз сатҳи рушди он муносибатҳои меҳнатии байни фурӯшанда ва харидори қувваи корӣ вобастагӣ доранд, ки бо ин васила шуғли аҳолӣ таъмин гардида, даромади аҳолӣ ташаккул меёбад.
2. Рақамикунонӣ, ки трансформатсияи бозори меҳнатро ба вуҷуд меорад, равиши махсуси методологии таҳқиқотро талаб мекунад. Исбот шудааст, ки воситаҳои мавҷудаи таҳқиқот қобилияти пурра омӯхтан ва

муайян кардани алоқамандии байни равандҳои дар соҳаи шуғл зуҳуршавандаро надоранд. Равиши методологии муаллифӣ дар муайян кардани нақши сусткунандаи шаклҳои нави шуғл ҳамчун фурубарандаи зарбаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ифода меёбад. Чунин равиш ба арзёбии воқеии тағйироти сохторӣ мусоидат намуда, гузариш аз истифодаи анъанавии сармояи инсонӣ ба моделҳои чандириро тасдиқ мекунад.

3. Самти калидии фаъолияти ҳар як давлат дар соҳаи меҳнат ҳалли вазифаҳое мебошад, ки дар асоси онҳо ҷузъҳои миқдорӣ ва сифатии қувваи корӣ меистанд. Ҳалли чунин вазифаҳо тавассути такмили доимии низоми маориф, омодакунӣ ва баланд бардоштани ихтисоси кормандон ба даст меояд. Исбот шудааст, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ зарурати бозбинии равишҳои анъанавии методологии истифодаи самараноки қуввai корӣ дар иқтисодиёт мубрамияти бештар пайдо мекунад. Дар ин робита, исбот шудааст, ки омодакунии анъанавии кадрҳо, ки омодасозии онҳоро барои намудҳои анъанавии фаъолияти меҳнатӣ дар назар дорад, то андозае кӯҳна шудааст, дар ҳоле ки чолишҳои нави бозори меҳнат коргаронеро талаб мекунанд, ки ба шароитҳои нав ва пайдоиши шароитҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ омода бошанд ва ин мавҷудияти кадрҳоеро дар назар дорад, ки дар навбати худ дорои малакаҳои нав ва қобилияти зуд мутобиқ шудан ба ин чолишҳо ва талаботро дошта бошанд.

4. Дақиқ карда шудааст, ки шуғли деҳотро метавон ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми тамоми бозори меҳнат тавсиф кард. Бозори меҳнати деҳот аз ҷониби олимони иқтисоддон ҳамчун бозори меҳнати кишоварзӣ ё бозори меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ шарҳ дода шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи гузариш аз иқтисодиёти аграрию индустриалӣ ба индустриалию кишоварзӣ қарор дорад ва дар ин марҳала бартарияти бозори меҳнати бахши аграрии иқтисоди миллиро нишон медиҳад. Бо сабаби он ки аҳолии деҳот бо мақсади дарёфти маблағ ба шаҳрҳо муҳоҷират мекунанд, шадидан зарурати таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба миён меояд ва дар шароити номувофиқатии миқдори талабот ва пешниҳоди ҷойҳои корӣ, рушди худшуғлӣ, ки ба технологияҳои муосири иттилоотӣ ёфтааст, зарур мебошад.

5. Асоснок карда шудааст, ки дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ташаккули бозори меҳнати чандирӣ шарти стратегии амалисозии афзалиятҳои ба шуғли маҳсулнок нигаронидашуда мебошад. Исбот гардидааст, ки барои гузариш ба иқтисодиёти индустриалию кишоварзӣ шуғли платформавӣ катализатори мутобиқшавии сармояи инсонӣ ба ҳисоб меравад, зеро он ба трансформатсияи потенсиали зиёдатии меҳнатӣ ба сармояи инсонии босифат мусоидат менамояд.

6. Муайян карда шудааст, ки дар давраи рақамикунонии иқтисодиёт дар бозори меҳнат бисёр касбҳои нав пайдо шудаанд, ки асосан ба шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ мансубанд. Як шакли шуғл, ки бо номи «Флиранс» маъруф аст, асосан дар кишварҳои пешрафта васеъ паҳн шудааст. Исбот

шудааст, ки дар шароити Тоҷикистон, институтсионаликунонии фриланс, ки дорои хусусиятҳои соҳибкории рақамӣ мебошад, боиси қонунигардонии даромадҳои пинҳонии фрилансерҳо ва мувофиқан васеъ гардидани сарчашмаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, ки ин ба вазифаҳои стратегии барномаҳои давлатӣ мувофиқат мекунад.

7. Муайян карда шудааст, ки сиёсати шуғли Ҷумҳурии Тоҷикистон асосан ба ташаккули иқтисоди бозории дорои самти иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ки ноил шудан ба он бе тақсимоти оқилона ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ имконнопазир аст. Исбот шудааст, ки танзими самараноки бозори меҳнат бояд ба сиёсати фаъоли шуғл асос ёбад. Барои ин, зарурати ҳавасмандгардонии бозори меҳнат тавассути институтсионаликунонии фриланс мавҷуд аст.

8. Саводнокии рақамӣ омили асосии рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити шаклҳои нави шуғл мебошад. Дар шароити технологияҳои рақамӣ ин воқеият актуалӣ мегардад, ки ҳар як кишвар барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ, рушди иқтисодӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Дар ин шароит намояндагони ҷавонони муосир бо ин ё он роҳ ба ин технологияҳо таваҷҷуҳ доранд ва вақти бештари худро ба истифодаи ин гаҷетҳо мегузаронанд, вале ин љо масъалаи истифодаи самараноки ин технологияҳо ба миён меояд. Исбот шудааст, ки бо дарназардошти шаклҳои нави шуғл ва таъсири онҳо ба бозори меҳнат, зарур аст, ки аҳолӣ барои ба даст овардани миқдор ва сифати зарурии саводнокии рақамӣ, малака ва донишҳои марбут ба истифодаи судманди технологияҳои рақамӣ ҳавасманд карда шаванд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз он иборат аст, ки муқарраpоти асосии таҳқиқоти назариявӣ ва методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳои мавҷуда метавонанд ба пешбурди сиёсати иҷтимоӣ дар раванди танзими бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл ва таҳияи тадбирҳо оид ба таъмини истифодаи самараноки қувваи корӣ мусоидат намоянд. Маводи таҳқиқоти диссертатсионӣ ба дарки моҳият ва мазмуни ҷузъҳои асосӣ ва омилҳои бозори меҳнат, ки ба имкониятҳои фаъолияти самараноки он таъсир мерасонанд, мусоидат мекунад. Дар баробари ин, аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба имконияти истифодаи амалии онҳо ҳангоми таҳияи барномаҳои мақсадноки кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат, ки ба таъмини шуғли устувори аҳолӣ дар шаклҳои гуногуни он, аз ҷумла «фриланс» нигаронида шудаанд, равона гардидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар низоми маориф, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар машѓулиятҳо аз рӯйи фанҳои «Менеҷмент», «Иқтисоди меҳнат», «Бозори меҳнат», «Корёбӣ ва шуғл», «Макроиқтисод», «Микроиқтисод», инчунин, дар дигар курсҳои махсус ва семинарҳои махсус, дар раванди омода намудани корҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ ва монографияҳо истифода бурда

мешаванд. Кори диссертатсионии мазкур натиҷаи илмию амалии асоснокшудаи таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба самтҳои гуногуни бозори меҳнат – ташаккул, фаъолият ва танзими бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти транзитивии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муқаррароти ҷудогонаи дар кори диссертатсионӣ баёншуда метавонанд дар раванди таҳияи барномаҳои дастгирии давлатии рушди бозорҳои минтақавии меҳнат ва беҳтар намудани равандҳои корёбӣ мусоидат намоянд.

**Мувофиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба бандҳои зерини шиносномаи номгӯи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунанд: 5.2.1 - Назарияи иқтисодӣ (5.2.2 - Макроиқтисод). Банди 1.1. Иқтисоди сиёсӣ: ҳамкории қувваҳои истеҳсолкунанда, шаклҳои иқтисодӣ, усулҳои хоҷагидорӣ ва сохторҳои институтсионалӣ; таъсири низомҳои нави технологӣ ба равандҳои ташаккул ва фаъолияти сохторҳо ва институтҳои иқтисодӣ; омилҳои инноватсионии трансформатсияи иҷтимоию иқтисодӣ; назарияи иқтисодиёти «иттилоотӣ», «постиндустриалӣ» ва «иқтисодиёти ба дониш асосёфта»; қонуниятҳои глобализатсияи иқтисоди ҷаҳонӣ ва таъсири он ба фаъолияти низомҳои иқтисодии миллию давлатӣ; ташаккули сиёсати иқтисодии (стратегияи) давлат. 1.3. Назарияи макроиқтисодӣ: назарияи идоракунии низомҳои иқтисодӣ. Ҷанбаҳои иқтисодии пешрафти илмию техникӣ ва таъсири он ба равандҳои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, сиёсати макроиқтисодӣ: самтҳои асосӣ ва хусусиятҳои пешбурди он. 1.4. Назарияи иқтисодии институтсионалӣ ва эволютсионӣ: назарияи иқтисоди гузариш ва трансформатсияи низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ; рушди институтҳои механизми хоҷагидорӣ дар ҷомеаи постиндустриалӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқот аз интихоби мавзуи актуалӣ, тартиб додани накша, асосноккунии ҳадаф, самтҳои асосӣ ва вазифаҳои дар ин кори таҳқиқотӣ гузошташуда, таҳияи навгониҳои назариявию методологӣ ва амалии кори таҳқиқотӣ, муқаррароти асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин, нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тавсияшудаи КОА назди Президенти ҶТ ва маърузаҳо дар конфронсҳои илмӣ иборат мебошад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳо ва муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърузаҳо дар конфронсҳои сатҳи байналмилалӣ, љумҳуриявӣ, донишгоҳӣ дар Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ва Доникадаи байналмилалии Леваканд дар солҳои 2020-2025 пешниҳод гардидаанд.

Амалисозии қисмҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли модулҳои таълимӣ, семинарҳои илмӣ ва мизҳои гирд дар Донишкадаи байналмилалии Леваканд гузаронида шудааст и натиҷаҳои таҳқиқот дар донишкадаи мазкур татбиқ мегарданд (маълумотнома оид ба татбиқ №142 аз

25 апрели соли 2025.). Ҳамзамон, баъзе нуктаҳои амалии таҳқиқот дар фаъолияти амалии Пажуҳишгоҳи илмию таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурда шудааст (маълумотнома оид ба татбиқ № 17 аз 27.12.2024 с.).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Дар доираи мавзуи интихобшуда аз ҷониби муаллиф 31 кори илмӣ ба табъ расидааст, аз ҷумла 2 монография, 24 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар.
Ҳаҷми корҳои нашршуда 23,6 ҷузъи чопиро ташкил медиҳад.

**Сохтори кор.** Кори диссертатсионӣ аз муқаддима, панҷ боб, хулоса ва ва тавсияҳо, инчунин, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар диссертатсия 52 расм ва 48 ҷадвал оварда шудааст. Диссертатсия аз 348 саҳифа иборат аст.

Дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот асоснок ва дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ нишон дода шудааст, мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот муайян гардида, дигар маълумот дар бораи муҳтавои диссертатсия оварда шудааст.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи меҳнат ва бозори меҳнат»** таҳаввули дидгоҳҳои назариявӣ ба мазмуни категорияҳои «меҳнат» ва «бозори меҳнат», воситаҳои методологии таҳқиқи фаъолияти бозор, инчунин, ҷанбаҳои институтсионалии танзими бозори меҳнат мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Дар боби дуюм – «Тамоюлҳои ҷаҳонии трансформатсияи бозори меҳнат»** трендҳои макроиқтисодии бозори меҳнати кишварҳои пешрафта дар шароити иқтисоди рақамӣ, таъсири иқтисоди рақамӣ ба ҳолати бозори меҳнат ва шуғл, инчунин, мазмуни иқтисодии фриланс ҳамчун намуди махсуси худшуғлӣ баррасӣ гардиданд.

**Дар боби сеюм – «Таҳлили эмпирикии таҷдиди истеҳсол ва фаъолияти бозори миллии меҳнат»** ҷанбаҳои зерин таҳқиқ шудаанд: детерминатсияи макроиқтисодии вазъияти демографӣ ва иқтисодӣ дар бозори меҳнат, нақши низоми маориф дар таҷдиди истеҳсоли сармояи инсонӣ ва таъмини шуғл, хусусиятҳои институтсионалии бахши кишоварзии бозори меҳнат, инчунин, ташаккули нархи меҳнат ҳамчун танзимгари муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ.

**Дар боби чорум – «Трансформатсияи рақамӣ ҳамчун омили ташаккули шаклҳои нави шуғл ва чандирии бозори меҳнат»** тамоюлҳои рушди шаклҳои шуғл дар шароити рақамикунонии иқтисоди миллӣ, моҳияти институтсионалии чандирии бозори меҳнат, инчунин, фриланс ҳамчун шакли нави муносибатҳои меҳнатии институти худшуғлӣ таҳқиқ гардидааст.

**Дар боби панҷум – «Самтҳои консептуалии рушди механизмҳои танзими бозори меҳнат»** парадигмаи такмили сиёсати шуғл дар шароити трансформатсия, афзалиятҳои танзими институтсионалии бозори меҳнат дар заминаи трендҳои рақамии ҷаҳонӣ ва саводнокии рақамӣ ҳамчун омили амалии рушди шаклҳои инноватсионии шуғл ҷудо карда мешаванд.

# МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Муқаррароти аввалине, ки ба ҳимоя бароварда мешавад, аз зарурати таҳқиқи консептуалии бозори меҳнат ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолот, ки асоси боигарии миллиро меофарад, иборат мебошад.

Меҳнат шакли асосии фаъолият барои мавҷудияти инсон ва муносибати он бо ҷомеа ба ҳисоб меравад. Аз нуқтаи назари илмҳои иқтисодӣ, меҳнат ҳамчун раванде баррасӣ мешавад, ки тавассути он инсон ба манфиати муайяни худ ноил мегардад, яъне дар ин ҳолат инсон дар назди худ ҳадафи мушаххасе мегузорад, ки он фоида, даромад ва қонеъ гардонидани ниёзҳои шахсиро дар назар дорад ва тавассути меҳнат ба ин ҳадаф мепасад. Инчунин, дар илми иқтисод категорияи «меҳнат» ҷузъи ҷудонашавандаи истеҳсолот маҳсуб меёбад. Меҳнат омили муҳимтарини истеҳсолот буда, асоси маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷомеаро ташкил медиҳад. Дар айни замон, он даромади шаҳрвандонро таъмин мекунад, ки тарз ва сатҳи зиндагии онҳо ба андозаи зиёд аз мавҷудияти кор ва навъи он вобаста бошад. Соҳаи меҳнат ва муносибатҳое, ки шакли умумии ин соҳаро ташкил медиҳанд, дар сохтори муносибатҳои иқтисодӣ асосӣ ва заминавӣ мебошанд. Ин бо нақши меҳнат ҳам дар ҳаёти фард ва ҳам дар ҳаёти ҷомеа дар маҷмуъ асоснок карда мешавад. Чунин ақида мавҷуд аст, ки меҳнат ин фаъолияти мақсаднок ва бошууронаи инсон мебошад, ки ба қонеъ гардонидани ниёзҳои фард ва ҷомеа нигаронида шудааст.

Дар адабиёти муосири иқтисодии давраи пасошуравӣ аз ҷониби намояндагони илми иқтисод бозори меҳнат мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва то ҳол омӯхта мешавад ва тафсирҳои зиёди категорияи «бозори меҳнат» оварда шудаанд.

Чунончи, И.С. Маслова бозори меҳнатро ба низоми мураккаби муносибатҳо оид ба мубодилаи қобилиятҳои меҳнатии инсон ба воситаҳои ҳаётӣ, ки барои таҷдиди истеҳсоли қувваи корӣ заруранд, мансуб медонад [18, с.32].

П.Э. Шлендер бозори меҳнатро ба таври худ тафсир карда, онро ҳамчун низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ ва манфиатҳои мувофиқашудаи корфармо ва коргари кироя баррасӣ мекунад [20, с.51].

С.И. Волков бозори меҳнатро ҳамчун низоми муносибатҳои байни фурӯшандагони меҳнат ва харидорони он тавсиф мекунад [6, с.18].

Аз нуқтаи назари А.Г. Грязнова бозори меҳнат ин низоми муносибатҳои иқтисодиест, ки ҳангоми раванди ҳаракати қувваи корӣ дар шакли молиаш байни субъектҳои бозори меҳнат ба вуҷуд меояд [8, с. 26].

Тибқи ақидаи Б.Л. Токарский бозори меҳнат ин низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни соҳибони қувваи корӣ ва шахсони ҳуқуқию воқеӣ - соҳибони воситаҳои истеҳсолот мебошад, ки ба қувваи корӣ талабот пешниҳод мекунанд [27, с.8].

Ба андешаи Л.Е. Исмоилова, бозори меҳнат низоми муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки дар асоси хароҷот байни соҳибони воситаҳои

истеҳсолот - корфармоён ва соҳибони қувваи корӣ - коргароне, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои худ манфиатдоранд, ташаккул меёбанд [9, с. 9].

Ба андешаи Н.Е. Колесников бозори меҳнат ин низоми муносибатҳои иқтисодӣ оид ба хариду фурӯши қувваи корӣ мебошад, ки дар он талабот ва пешниҳод, инчунин, нархи он ташаккул ёфта, зернизомҳои мувофиқи таҷдиди истеҳсолот ва корёбии соҳиби қувваи корӣ амалӣ карда мешаванд [13, с.20].

Ба фикри Н.А. Волгин бозори меҳнат ин маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ барои истифодаи қувваи корӣ мебошад [5, с. 84].

В.И. Плакся чунин мешуморад, ки бозори меҳнат механизми иҷтимоию иқтисодиест, ки тавассути он робитаҳои иқтисодии байни истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда амалӣ карда мешавад ва мазмуни он фурӯши моли навъи махсус — қувваи корӣ мебошад [21, с. 67].

А. Котляр бозори меҳнатро ҳамчун низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ бо манфиатҳои мувофиқашудаи корфармо ва қувваи кории кироя тавсиф кардааст [15, с.49].

*Ба андешаи муаллиф, дар шароити рақамикунонӣ меҳнат ин фаъолияти мақсадноки инсон барои истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ мебошад, ки дар асоси ҳамгироии малакаҳои анъанавӣ ва донишҳои рақамӣ амалӣ мегардад. Пас, меҳнат ин на танҳо раванди сарфи қувваи ҷисмонӣ, балки раванди динамикии сармоякунонии донишҳои зеҳнии инсон мебошад ва бозори меҳнат бошад, ин низоми динамикии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатӣ мебошад, ки ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисодиёт буда, ташаккул ва фаъолияти бозорҳои дигарро таъмин менамояд ва аз сатҳи рушди он муносибатҳои меҳнатии байни фурӯшанда ва харидори қувваи корӣ вобастагӣ доранд, ки бо ин васила шуғли аҳолӣ таъмин гардида, даромади аҳолӣ ташаккул меёбад.*

Ба андешаи А.В. Кашепов, бозори меҳнат низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ, меъёрҳо ва институтҳое мебошад, ки таҷдиди истеҳсол, мубодила ва истифодаи меҳнатро таъмин мекунанд [11, с. 2].

Истилоҳи «бозори меҳнат» аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ватанӣ тафсиру таърифҳои зиёде гирифтааст. Ба андешаи аксари муаллифон, бозори меҳнат муносибати молию пулӣ оид ба хариду фурӯши қувваи корӣ мебошад. Аммо дар тафсирҳо аз рӯйи дараҷаи таъсири чунин муносибатҳо фарқият мавҷуд аст. Ба андешаи баъзе олимон, бозори меҳнат танҳо соҳае нест, ки дар он муносибатҳои хариду фурӯши қувваи корӣ ба амал меоянд, онҳо инро ҳамчун низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ тафсир мекунанд, ки талабот ва пешниҳодро ба қувваи корӣ ташаккул медиҳанд.

Гурӯҳи дигари олимон дефинитсияи бозори меҳнатро ба таври худ тафсир намуда, онро ҳамчун механизми хариду фурӯши қувваи корӣ тавсиф мекунанд. Чунончи, дар дастури таълимии муаллифон «Бозори меҳнат ва даромади аҳолӣ» таҳти таҳрири Н.А. Волгин бозори меҳнат ҳамчун омезиши муносибатҳои меҳнатӣ оид ба хариду фурӯш ва ташаккули талаботу пешниҳоди қувваи корӣ, инчунин, тақсимоти соҳибони қувваи корӣ аз рӯйи

соҳаҳои фаъолият барои ба даст овардани воситаҳои ҳаётан муҳим маънидод гардидааст [5, с. 55].

А.И. Рофе бозори меҳнатро тақрибан ҳамин тавр тасвия (формулировка) кардааст. Ба андешаи ӯ, бозори меҳнат низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба хариду фурӯши қувваи корӣ мебошад, ки талабот ва пешниҳоди меҳнатро ташаккул медиҳанд [23, с. 81].

Аксари муаллифон таъкид мекунанд, ки худи меҳнат ҳамчун мол одӣ набуда, раванди хариду фурӯши он аз дигар намудҳои мол фарқ мекунад ва аз ин рӯ, ба андешаи онҳо, бозори меҳнат ба бозори анъанавӣ мансуб намебошад. Вобаста ба ин К. Маркс дар асарҳои худ бозори меҳнатро ҳамчун «...зербахши махсуси бозори молӣ...» муаррифӣ кардааст [17, с.12].

Яке аз муосирон В.И. Плакся бозори меҳнатро муфассалтар тавсиф намудааст: «...бозори меҳнат ин намуди хоси бозори молиест, ки мазмуни онро фурӯши моли навъи махсус: қувваи корӣ ё қобилияти инсон ба меҳнат ташкил медиҳад...» [21, с.22].

Андешаҳои дар боло зикршуда дар бораи бозори меҳнат ҳамчун истилоҳ танҳо тавассути призмаи соҳаи мубодилаи меҳнат баррасӣ мешавад, ба ибораи дигар, аксари муаллифон бозори меҳнатро бо хариду фурӯши қувваи корӣ айният медиҳанд. Мо бар он ақидаем, ки маҳдуд кардани дастгоҳи мафҳумии бозори меҳнат бо баррасии он танҳо ҳамчун як соҳаи мубодилаи меҳнат комилан дуруст нест.

Гурӯҳи дигари муаллифон бозори меҳнатро аз нуқтаи назари васеътар баррасӣ намуда, моҳияти онро танҳо бо раванди хариду фурӯши қувваи корӣ маҳдуд намекунанд. Ин муаллифон бозори меҳнатро ҳамчун низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, меъёрҳои иҷтимоӣ ва институтҳое тавсиф мекунанд, ки истифода, мубодила ва таҷдиди истеҳсоли қувваи кориро дар назар доранд.

Оид ба таърифи «меҳнат» С.Б. Ашуров таъкид мекунад, ки «...меҳнат асоси истеҳсоли неъматҳои моддист ва чизи асосӣ бозори меҳнат нест, балки бозори неъматҳои моддӣ аст, зеро на ниёз ба фаъолияти меҳнатӣ, балки ниёз ба неъматҳои моддӣ инсонро водор месозад, ки кор кунад…» [2, с. 8]. Бинобар ин, талабот ба меҳнат аз талабот ба неъматҳои моддӣ бармеояд. Ӯ идома медиҳад, ки ҷойҳои кории иловагӣ на барои таъмини шуғли қувваи кории мавҷуда (функсияи иҷтимоии бозори меҳнат), балки ҳангоми пайдо шудани талаботи иловагӣ ба неъматҳои моддӣ таъсис дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, Ашуров С.Б. ба натиҷаи ниҳоии шартномаи меҳнатӣ байни корманд ва корфармо, ки барои корманд гирифтани даромад аз кори иҷрошуда мебошад, таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, бозори меҳнатро бозори неъматҳои моддӣ меномад.

Ба андешаи профессор Қ.Х. Хушвахтзода, ки ӯ дар маҷмуъ бо андешаи С.Б. Ашуров оид ба ҳадафи асосии фаъолияти субъектҳои бозори меҳнат, ки пардохти музди меҳнатро дар назар дорад, мувофиқ аст, вале ӯ бозори меҳнатро бозори захираҳо нагуфта, чунин таъкид мекунад: «...бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодиро ифода мекунад, ки тахти

таъсири онҳо манфиатҳои коргарони кироя аз як тараф дар дарёфти кор ва музди меҳнати онҳо мувофиқи тахассус ва талаботи дахлдор, аз тарафи дигар, корфармоён дар қонеъ кардани ниёзҳои истеҳсолот ба меҳнат ва музди меҳнати он мувофиқи қоидаҳои муқарраршуда ва амалкунанда, бо дарназардошти талабот ба молҳои истеҳсолшуда ва пешниҳоди он муттаҳид мешаванд....» [31, с.5].

С.Ҷ. Комилов дар таҳқиқотҳои худ қайд мекунад, ки «...бозори меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни субъектҳои он дар муҳити махсуси институтсионалӣ рушд ёфта, механизмҳои хоси танзимро талаб мекунад...» [14, с. 9]. Сипас ӯ таъкид менамояд, ки бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни субъектҳои он буда, бо ташаккул ва истифодаи қувваи корӣ алоқаманд аст ва ҳадафи он рушди устувори иқтисодиёт мебошад.

Таҳқиқотчии дигари ватанӣ профессор Х. Умаров меҳнатро бо фаъолияти қувваи корӣ айният дода, қайд мекунад, ки: «...меҳнат ҳамчун фаъолияти қувваи корӣ, маҷмуи амалҳо, муайянии сифатӣ ва миқдории функсияҳои меҳнатии кормандро тавассути техника ва технология, ташкили истеҳсолот, предмети меҳнат ва маҳорати корманд ифода мекунад...» [28, с. 12].

Ҳамин андешаро олими дигари ватанӣ низ ҷонибдорӣ мекунад. Чунончи, дар таҳқиқотҳои илмии худ оид ба таърифҳои «меҳнат» ва «бозори меҳнат» М.Р. Кошонова менависад, ки дар бозори меҳнат на меҳнат ва қувваи корӣ, балки хизматрасониҳои сармояи инсонӣ фурӯхта ва харида мешаванд. Ӯ инро чунин асоснок мекунад: «...сармояи инсонӣ, бар хилофи сармояи ҷисмонӣ, аз шахсияти дорандаи он ҷудонашаванда аст, яъне он наметавонад объекти хариду фурӯш бошад; танҳо хидматҳои сармояи инсонӣ хариду фурӯш карда мешаванд...» [16, с. 5].

Сипас дар раванди таҳқиқоти меҳнат ӯ андешаи худро такмил медиҳад: «...меҳнат ин корманди мушаххасест, ки дар истеҳсоли ҳар гуна неъматҳо иштирок намуда, дар айни замон дорои моликият дар шакли қувваи корӣ мебошад. Дар ин робита, меҳнат ин фаъолияти қувваи корӣ мебошад...» [16, с. 6].

Ба андешаи муаллиф, меҳнат Меҳнат худ аз худ хусусияти иқтисодӣ надорад, зеро шахси коргар на ҳамеша ба ягон натиҷаи иқтисодӣ ноил мегардад, балки метавонад барои ҳаловати худ кор кунад, чуноне ки бо одамони ягон шуґли дӯстдошта дар шакли хобби доранд, рух медиҳад, ӯ метавонад ба куллӣ кор кунад, зеро меҳнат раванд аст, на объекти хариду фурӯш.

Ба андешаи таҳқиқотчии дигари ватанӣ С.М. Ғоибназарзода, бозори меҳнат ин «...соҳаи махсуси муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоию меҳнатӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми низоми иқтисоди бозорӣ ташаккул ёфта, ба фаъолияти бозорҳои дигар (молҳо ва хизматрасониҳо, пул, асъор) таъсир мерасонад ва дар он ҳамкории унсурҳои асосӣ — талабот ва пешниҳод — шуғли аҳолиро аз рӯйи соҳаҳо ва самтҳои

фаъолияти иқтисодӣ ва даромадҳои онҳо таъмин менамояд...» [7, с. 65]. Ҳамин тариқ, дар таҳқиқотҳои худ С.М. Ғоибназарзода бозори меҳнатро бо фазо ё соҳаи корёбӣ айният медиҳад, ки дар он ҳамкории байни харидор ва фурӯшандаи моли дорои хусусияти хос, яъне қувваи корӣ, ба амал меояд. Дар ин замина, идома медиҳад ӯ, чунин низоми муносибатҳои маҷмуии иҷтимоию иқтисодии байни субъектҳои бозори меҳнат барои ноилгардӣ ба манфиатҳои муайяне, ки ҳар як субъект пайгирӣ мекунад, нигаронида шудаанд. Ҳамин тариқ, ӯ ба хулосае меояд, ки «...бозори меҳнат соҳаи махсуси муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоию меҳнатӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми иқтисоди бозорӣ ташаккул мeёбад» [326, с. 60]. Ба андешаи ӯ, дар бозори меҳнат ҳамчун предмети хариду фурӯш на худи меҳнат, балки қувваи корӣ баромад мекунад.

Дар монографияи худ Д.Б. Қодирзода ва И.С. Шамсов қайд мекунанд, ки «...бозори меҳнат муносибатҳои иқтисодиеро ифода мекунад, ки бо омодасозӣ, тақсим ва истифодаи қувваи корӣ бо мақсади таъмини шароити таҷдиди истеҳсоли ҷамъиятии одӣ ё васеъ алоқаманданд. Аз тарафи дигар, бозори меҳнат шакли ҷамъиятию иқтисодии ҳаракати қувваи корӣ (захираҳои меҳнатӣ) мебошад, ки ба низоми муносибатҳои молию пулии баландрушдёфта мувофиқат мекунад.

Бозори меҳнат ҳамчун мафҳуми илмӣ одатан бо он равандҳое алоқаманд карда мешавад, ки дар сатҳи ҳаёти ҷамъиятӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир мегарданд ва ҳатман бо ҳаракати қувваи корӣ ҳамроҳ мешаванд...» [12, с. 71].

Ба андешаи муаллиф, дар шароити трансформатсияи рақамӣ, бозори меҳнат бояд дар заминаи ҳамин шароитҳо тафсир карда шавад.

Ҳамин тариқ, бозори меҳнат аз ҷониби муаллиф ҳамчун низоми динамикии муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии байни субъектҳо ва институтҳои рақамӣ муаррифӣ гардидааст, ки сармояи инсониро дар асоси ҳамкории шабакавӣ тақсим менамояд ва ин ба бозори меҳнат хусусияти чандирӣ бахшида, хароҷоти трансаксиониро кам мекунад.

Дар мавриди он ки маҳз чӣ предмети хариду фурӯш дар бозори меҳнат ба ҳисоб меравад, ба муаллиф андешаи иқтисоддони ватанӣ Т.Ҷ. Усмонова бештар наздик аст (ниг. ба расми 1). Муаллиф бо ин андеша розӣ аст, ки бозори меҳнат муносибатҳои байни корманд ва корфарморо оид ба «шомил намудани» корманд ба низоми муносибатҳои меҳнатӣ ифода мекунад.



**Расми 1**. **- Унсурҳои низомсози меҳнат аз рӯйи андешаҳои Т.Ҷ. Усмонова**
Таҳияи муаллиф

Ба андешаи муаллиф, аз як тараф, дар шароити шаклҳои нави шуғл маҳз истилоҳи «муносибатҳои меҳнатӣ» ва «хизматрасониҳои меҳнатӣ» дар таърифи бозори меҳнат ва он чизе, ки маҳз дар бозори меҳнат фурӯхта ва харида мешавад, бештар мувофиқат мекунанд ва дар ин ҷо муаллиф бо андешаи Т.Д. Усмонова дар мавриди он ки дар бозори меҳнат предмети хариду фурӯш хизматрасониҳои меҳнатӣ мебошанд, розӣ аст [29, с.85].

Аз тарафи дигар, масъалаи он ки чӣ предмети хариду фурӯш дар бозори меҳнат мебошад, хусусияти то андозае духӯра дорад. Дар раванди мубодила дар бозори меҳнат харидор на барои қувваи корӣ ва албатта, на барои меҳнат, балки барои натиҷаи бадастомада маблағ пардохт мекунад. Дар ҳоле ки дар ҳамин раванд «фурӯшанда» барои хизмати расонидашуда музд мегирад ва натиҷаи ниҳоии хизмати расонидашуда дар ҳаҷм ва сифати мол ё хизматрасонӣ инъикос меёбад.

Бинобар ин, муаллиф бар он назар аст, ки аз як тараф, яъне аз нуқтаи назари фурӯшанда, азбаски аз ҷониби ӯ хизматрасониҳои меҳнатӣ пешниҳод мегарданд, дар бозори меҳнат хизматрасонии меҳнатӣ фурӯхта мешавад ва азбаски барои корфармо танҳо натиҷаи меҳнати аз ҷониби корманд иҷрошаванда ҷолиб аст, натиҷа харида мешавад.

Ҳамин тариқ, корфармо натиҷаеро мехарад, ки тавассути хизматрасонии меҳнатии аз ҷониби корманд расонидашуда ба даст омадааст. Албатта, ба монанди меҳнат ё қувваи корӣ, хизматрасониҳои меҳнатӣ низ ҷудонопазиранд ва инчунин, ба мисли меҳнат ё қувваи корӣ моли махсус ба ҳисоб мераванд, вале ба андешаи муаллиф, «хизматрасониҳои меҳнатӣ» дар таърифи предмети хариду фурӯш дар бозори меҳнат бештар мувофиқанд, махсусан агар ин предмет аз ду нуқтаи назар — аз назари фурӯшанда ва харидор баррасӣ карда шаванд.



**Расми 2. - Предмети хариду фурӯш дар бозори меҳнат**
Таҳияи муаллиф

Ин тафсир махсусан дар шароити муосир, вақте ки дар бозори хизматрасониҳои фриланс коргарон асосан бо пешниҳоди хизматрасониҳо (асосан зеҳнӣ) машғуланд, хос мебошад, яъне дар ин бозор меҳнат на ҷисмонӣ, балки зеҳнӣ аст. Дар ин замина, муаллиф ба хулосае меояд, ки дар шароити шаклҳои нави шуғл дар бозори меҳнат предмети фурӯш хизматрасониҳои меҳнатӣ ва предмети харид натиҷа мебошад.

**Муқаррароти дуюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз асосноккунии воситаҳои методологии интихобшудаи таҳқиқи бозори меҳнат иборат аст.**

Дар шароити муосир фаъолияти оптималии бозори меҳнат бе мудохилаи давлат имконнопазир аст. Давлат дар ин ё он сатҳ дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон, аз ҷумла дар соҳаи шуғл иштирок мекунад. Ҳамин тариқ, мо бо ин ақида розӣ ҳастем, ки бе мудохилаи давлат ноил шудан ба шуғли пурра имконнопазир аст. Ба фикри мо, истифодаи воситаҳои кейнсианӣ имкон медиҳад, ки нақши давлат дар ташаккули ҷойҳои кории дорои технологияҳои баланд асоснок карда шавад.

Мактаби монетаристии назарияи иқтисодӣ чунин мешуморид, ки яке аз воситаҳои асосии танзими бозори меҳнат сиёсати пулию қарзӣ мебошад. Бар хилофи кейнсианизм, монетаризм ин ақидаро, ки мувозинати талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат тавассути мудохилаи давлат ба даст меояд, рад мекунад. Аммо онҳо сиёсати кейнсиании сохтори сахти нархи меҳнатро дастгирӣ мекунанд.

Асосгузори монетаризм М. Фридман таъкид мекард, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ мувозинат дар бозори меҳнат тавассути сиёсати нархгузорӣ ба даст меояд ва бозори меҳнат, ба андешаи ӯ, механизми худраванда мебошад ва мудохилаи давлат метавонад вазъиятро танҳо бадтар кунад. Инчунин, ӯ чунин меҳисобид, ки сатҳи табиии бекорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ буда, мутавозинӣ дар ин ё он сатҳ аз он вобаста аст. Ҳамчун воситае, ки бо ёрии он метавон бозори меҳнатро танзим намуда, ба мутавозинии байни талабот ва пешниҳод ноил шуд, аз ҷониби онҳо сиёсати пулию қарзӣ пешниҳод гардид, ки ба андешаи онҳо, ба ҳавасмандгардонии фаъолнокии кории аҳолӣ мусоидат мекунад. Инчунин, бар хилофи таълимоти

классикӣ ва кейнсианӣ, монетаристон омили вақтро низ қайд намудаанд ва бо ин васила ҷонибдори сиёсати дарозмуддати шуғл буданд.

М. Фридмен ҳамчун далеле, ки ба мувозинати байни талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад, омили аз ҷониби давлат муқаррар намудани музди меҳнати ҳадди ақал, инчунин, мавқеи қавии иттифоқҳои касаба ва нокифоя будани иттилооти аҳолиро дар бораи ҷойҳои кории холӣ овардааст. Ҳамчун танзимгар аз ҷониби ӯ низоми пулию қарзӣ пешниҳод шудааст. Ба андешаи ӯ, барои ҳавасмандгардонии фаъолнокии кории аҳолӣ истифодаи чунин фишангҳо, ба монанди меъёри фоизӣ, ки аз ҷониби бонки марказӣ муқаррар карда мешавад ва ҳаҷми муайяни захираҳои пулии бонкҳои тиҷоратӣ дар суратҳисоби Бонки марказӣ зарур аст [30, с.97].

Аз нуқтаи назари мактаби неоклассикӣ бозори меҳнат ҳамчун бозори захираҳо тафсир меёбад. Ба андешаи ҷонибдорони ин назария, мувозинати байни талабот ва пешниҳод тавассути механизми нарх ба даст меояд. Дар ин замина, музди меҳнат нақши механизми табиӣ ва танзимгарро мебозад, ки ба конъюнктураи бозори меҳнат вокуниш нишон медиҳад. Ба андешаи онҳо, чунин танзимгари чандирӣ вобаста ба талабот ва пешниҳод мисли меъёри фоизӣ тағйир меёбад ва қобилияти таъмини шуғли пурраро дорад. Аммо хусусияти фарққунандаи бозори меҳнат ба механизми сиёсати нархгузорӣ ҳангоми мудохилаи давлат, мудохилаи институтҳо ва нокифоя будани иттилооти гурӯҳҳои иҷтимоӣ мухолиф аст.

Намояндагони модели институтсионалӣ Т. Веблен, У. Митчелл, Ҷ. Коммонс, М. Бейли, Д. Гордон ва дигарон дар фалсафаи дидгоҳи худ ба бозори меҳнат ба омилҳои зерин такя кардаанд: мутавозинии талабот ва пешниҳод тавассути ислоҳоти институтсионалӣ, бо ёрии хадамоти шуғл ва дигар институтҳои иҷтимоӣ ба даст меояд [4, с. 88].

Дар асоси гуфтаҳои боло муаллиф ба хулосае меояд, ки бар хилофи дигар механизмҳои танзими бозори меҳнат, механизмҳои институтсионалӣ самараноктар мебошанд ва дар таҳқиқоти худ маҳз ба институтсионализм такя мекунад.

Трансформатсияи рақамӣ зарурати таҳқиқи бозори меҳнатро дар ҷанбаи нав тавассути призмаи намудҳои нави фаъолият муайян мекунад, зеро маҳз дар ҳамин шароит бозори муосири меҳнат ташаккул меёбад ва рушду фаъолияти минбаъдаи он бо ин шароитҳо зич алоқаманд аст.

Методологияи пешниҳодшудаи таҳқиқи бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ ва шаклҳои шуғл имкон медиҳад, ки равандҳои дар соҳаи шуғл баамалоянда таҳлил карда шуда, ба таври маҷмуӣ ташхис гардад ва самтҳои афзалиятнок оид ба такмили танзими он ҳамчун воситаи амалисозии сиёсати оптималии иҷтимоию иқтисодии шуғл таҳия карда шаванд.

Ҳамин тариқ, бар хилофи моделҳои анъанавӣ, методологияи интихобшуда ҳамгироии равиши институтсионалиро дар назар дорад, ки имкон медиҳад трансформатсияи рақамии бозори меҳнат на танҳо ҳамчун раванди технологӣ, балки чун марҳалаи навсозии босифати сохторҳои иҷтимоию меҳнатӣ баррасӣ карда шавад.

Асоснок карда шудааст, ки истифодаи равишҳои барномавию мақсаднок ва равандӣ ба таҳлили маҷмуии шаклҳои нави шуғл ва таҳияи механизмҳои мутобиқшавии танзими бозори меҳнат дар шароити трансформатсияи рақамии иқтисодиёт мусоидат менамояд (ҷад. 1).

Дар баробари ин, консепсияи таҳқиқот чунин масъалаҳоро фаро мегирад, аз қабили музди меҳнат, ки ҳамчун ангезаи асосии фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон баромад мекунад, таҷрибаи кишварҳои пешрафта дар танзими бозори меҳнат дар шароити рақамикунонӣ, инчунин, шаклҳои нави шуғл, ки маҳз дар шароити рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омадаанд.

**Ҷадвали 1. – Методологияи таҳқиқот**

| Усулҳои истифодашуда | Мазмун ва нақш дар таҳқиқот |
|---|---|
| Назариявӣ | Таҳқиқи муқаррароти бунёдии мактабҳои назариявӣ барои муайян кардани қонунҳои асосии фаъолияти бозори меҳнат |
| Синергетикӣ | Таҳлили бозори меҳнат ҳамчун низоми мураккаби динамикӣ дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ |
| Иттилоотӣ | Таҳқиқи трансформатсияи институтсионалӣ дар шароити рақамикунонӣ, инчунин, нақши шаклҳои нави шуғл ҳамчун институтҳои миёнарав |
| Барномавию мақсаднок | Ҳамкории институтсионалии субъектҳои иқтисодиёт барои ноил шудан ба мақсадҳои стратегӣ дар соҳаи шуғли маҳсулнок |
| Равандӣ | Амалисозии принсипи «аз умумӣ ба ҷузъӣ» — аз тамоюлҳои ҷаҳонии трансформатсияи рақамӣ то вазифаҳои баланд бардоштани самаранокии бозори меҳнати Тоҷикистон |

Таҳияи муаллиф

Истифодаи равишҳои овардашуда метавонад ба таҳияи сиёсати оптималии шуғл дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл мусоидат намояд ва истифодаи методҳои гуногуни таҳқиқот имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои назариявию консептуалӣ ва амалии рушди он ба таври эътимоднок омӯхта шаванд.

Методологияи пешниҳодшудаи таҳқиқи бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл имкон медиҳад, ки равандҳои дар соҳаи шуғл баамалоянда таҳлил карда шуда, он ба таври маҷмуӣ ташхис гардад ва самтҳои афзалиятнок оид ба такмили танзими он ҳамчун воситаи амалисозии сиёсати оптималии иҷтимоию иқтисодии шуғл таҳия карда шаванд.

Дар шароити муосир гузариш ба муносибатҳои бозорӣ бо ворид намудани принсипҳои нав ба соҳаи шуғл ва бозори меҳнат ҳамроҳӣ мешавад. Бозори меҳнат ҳамчун яке аз зернизомҳои муносибатҳои бозорӣ яке аз унсурҳои мураккаби иқтисодиёт ба ҳисоб меравад. Дар ҷаҳони муосир ташаккули бозори меҳнатро бе иқтисодиёти мувофиқи ҳамгирошуда тасаввур

кардан душвор аст. Инчунин, ташаккул ва фаъолияти бозори меҳнат бе чунин унсурҳо, ба монанди воситаҳои истеҳсолот, сармоягузорӣ, замин, қувваи корӣ, молҳо ва хизматрасониҳо, пешрафти илмию техникӣ тасаввурнашаванда аст.

Институтсионализм бештар ба ҳифзи иҷтимоӣ тамаркуз мекунад ва ҳамчун танзимгари бозори меҳнат нақши асосиро ба давлат, ташкилотҳо ва иттифоқҳои касаба медиҳад.

Дар заминаи назарияи институтсионализм мафҳуми шартномаи шуғл ба вуҷуд омад. Дар ин замина, шартнома байни корфармо ва корманди кироя хусусияти ҳуқуқӣ надошта, балки ризоияти дуҷонибаи иқтисодиро ифода мекунад. Модели институтсионалии бозори меҳнат ҳамчун фишанги танзими мувозинат ба институтҳо ва ислоҳоти институтсионалӣ дар соҳаи шуғл нақши асосиро вогузор мекунад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки барои ҳар як давра, вобаста ба чӣ гуна ташаккул ёфтани бозори меҳнат, методҳои танзими махсуси онҳо таҳия карда мешуданд. Дар баробари ин, қайд кардан зарур аст, ки сарфи назар аз гуногунии назарияҳои иқтисодӣ алоқамандии умумӣ вуҷуд дорад. Ҳар як назария на он қадар назарияи қаблиро рад мекард, балки онро вобаста ба вазъи иқтисодии давраи худ пурра менамуд ва бо ин васила робитаи байни назария ва методологияи ташаккули бозори меҳнатро инъикос мекард.

Дар ҷаҳони муосир дар шароити тағйироти геополитикӣ раванди ҷаҳонишавӣ мушоҳида мегардад, ки ин барои дигаргунсозии тамоми низоми иқтисодии миқёси ҷаҳонӣ чолишҳои нав эҷод мекунад. Дар раванди ҷаҳонишавии хоҷагиҳои ҷаҳонӣ, дар бозори меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ низ тағйирот ба амал меоянд. Бозори ҷаҳонии меҳнат маҷмуи бозорҳои миллии меҳнатро инъикос менамояд ва дар шароити ҷаҳонишавӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ рушд мекунанд.

Консепсияи шуғли ҷаҳонӣ тавассути воситаҳои нави ҳалли мушкилот барои бартарафсозии душвориҳои баамалоянда дар ташаккул ва танзими бозори меҳнат дар миқёси васеътар нигаронида шудааст. Қисмати таркибии чунин консепсия модели бозори меҳнати чандирро ташкил медиҳад.

**Муқаррароти сеюми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба муайян намудани нақши низоми маориф дар таъмини шуғли аҳолӣ асос меёбад.**

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар шароити рақамикунонӣ бозори меҳнат бо чунин мушкилот, ба монанди омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори муосири меҳнат рӯ ба рӯ мегардад. Дар заминаи рақамикунонӣ ворид намудани тағйироти сохторӣ ба низоми маориф ва бозомӯзии кадрҳо дар назар дошта шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар назди низоми маориф ба таври ҷиддӣ масъалаи омодасозии кадрҳои ба чолишҳои муосири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои нави шуғл мувофиқ меистад. Вобаста ба саноатикунонии босуръат ва рақамикунонии

иқтисоди ҷумҳурӣ зарур аст, ки ба омодасозии кадрҳо дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.
Дар ин замина омори хатми донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ баррасӣ мегардад.

Тавре маълум аст, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақамикунонӣ дар марҳилаи ибтидоии ташаккулёбӣ қарор дорад ва бинобар ин, имконияти таҳлили муфассали маълумоти мушаххаси рақамикунонӣ ва таъсири он ба сатҳи талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ вуҷуд надорад. Дар шароити муосир қисмати истеҳсолии кишвар, инчунин, самаранокии бозори меҳнат ба таври назаррас аз истифодаи оптималии сармояи инсонӣ вобаста аст. Ташаккули бозори меҳнат, дар навбати худ, аз чунин унсурҳо, ба монанди низоми маориф, бозомӯзии кадрҳои мавҷуда, сатҳи тахассуси кормандон, сатҳи омодагии кормандон ба азхудкунии шароитҳои рақамӣ ва техникию технологӣ ва ғайра вобастагӣ дорад.

**Ҷадвали 2. – Хатми мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2023**

| Солҳо | Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (ад.) | Хатмкардагон (ҳазор нафар) | Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ (ад.) | Хатмкардагон (ҳазор нафар) |
|---|---|---|---|---|
| 1991 | 13 | 10,0 | 43 | 13,7 |
| 2000 | 30 | 13,6 | 53 | 6,9 |
| 2005 | 36 | 15,1 | 56 | 8,0 |
| 2010 | 33 | 27,7 | 51 | 10,2 |
| 2015 | 38 | 29,5 | 66 | 11,7 |
| 2017 | 39 | 38,5 | 67 | 17,8 |
| 2018 | 39 | 44,6 | 70 | 20,8 |
| 2019 | 40 | 43,2 | 74 | 20,8 |
| 2020 | 41 | 42,4 | 78 | 23,6 |
| 2021 | 41 | 53,6 | 79 | 25,1 |
| 2022 | 46 | 44,8 | 84 | 23,7 |
| 2023 | 46 | 40,9 | 84 | 21,6 |

**Манбаъ:** Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. —Душанбе, 2024. - С. 57, 61.

Дар баробари ин, ба ташаккули самараноки бозори меҳнат танзими давлатӣ низ мусоидат мекунад. Танҳо дар сурати рушди мувофиқашуда ва мутақобилаи ҳамаи институтҳо истифодаи оптималии неруи корӣ ва тақсимоти дурусти кормандон аз рӯйи соҳаҳои фаъолият, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ки имкониятҳои баланд бардоштани сатҳи касбию тахассусӣ ва фарҳангии кормандонро вусъат медиҳад, имконпазир мегардад.

Дар шароити муосир рақамикунонии иқтисодиёт ва касбҳои марбут ба он бояд нақши муҳим бозанд. Дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки: «...Дар ин раванд фароҳам овардани шароити беҳтарин барои омодасозии кадрҳо, пешниҳоди имтиёзҳои гуногун, ҳавасмандгардонии мутахассисон дар самти

технологияҳои иттилоотӣ ва бозомӯзӣ дар муассисаҳои таълимии пешрафтаи хориҷӣ муҳим арзёбӣ мегардад» [22].

Аммо, сарфи назар аз хатми мутахассисон аз ҷониби муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ҳиссаи зиёди шумораи бекорон дар байни ҷавонон мушоҳида мегардад (ҷадвали 3).

Ҳамин тариқ, ба ақидаи муаллиф, чунин вазъият нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти миллӣ дар низоми «маориф - бозори меҳнат» зиддияти институтсионалӣ вуҷуд дорад.

Тибқи маълумоти ҷадвал, ҳиссаи ҷавонон дар сохтори умумии бекории расман эътирофшуда (ба ҳисоби миёна 59,7%) хусусияти бухронӣ дорад. Ин нотавонии иқтисодиёти миллиро дар мавриди пурра истифода бурдани дивидендҳои демографӣ инъикос мекунад. Сармояи инсонии ҷавон ба ҷойи он ки муҳаррики иқтисодиёти миллӣ бошад, маҷбур аст шаклҳои алтернативии шуғлро (муҳоҷират, шуғли ғайрирасмӣ) ҷустуҷӯ кунад.

**Ҷадвали 3. - Динамикаи бекорӣ дар байни ҷавонон дар солҳои 2000-2023 (ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорон | 53,1 | 49,7 | 47,5 | 49 | 49,9 | 54,6 | 53,5 |
| дар синни то 18-сола | 2,3 | 2,2 | 2,5 | 2,6 | 2,6 | 2,4 | 2,7 |
| 18-24 | 12 | 11,6 | 9,7 | 10,3 | 10,1 | 10 | 11,2 |
| 25-29 | 16,3 | 17 | 15,3 | 18,1 | 18,5 | 19,8 | 15,7 |
| Ҷавонон ба % аз шумораи умумии бекорон | **57,6** | **62,0** | **57,9** | **63,3** | **62,5** | **59,0** | **55,3** |

**Манбаъ:** Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе, 2023. - С. 93-96.

Ҳамин тариқ, маълумоти оморӣ имкон дод, ки домҳои институтсионалии зерин муайян карда шаванд:

- **Доми тахассусӣ.** Низоми маорифи миллӣ, новобаста аз талаботи муосири иқтисодиёт, фаъолият мекунад. Институтҳои маориф ба чолишҳои нав мутобиқ нашудаанд ва мутахассисонро аз рӯйи моделҳои кӯҳнашуда омода мекунанд;
- **Доми кори аввалин.** Набудани робитаи институтсионалӣ байни низоми маориф ва бахши воқеии иқтисодиёт;
- **Доми бетахассусӣ.** Муддати тулонӣ дар ҳолати бекорӣ мондани ҷавонон боиси беқадр шудани донишҳои андӯхта мегардад, ки ин онҳоро ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёти миллӣ водор месозад.

Ҳамин тариқ, низоми макроиқтисодии маориф боиси нопурра истифода шудани сармояи инсонӣ мегардад, ки ин на танҳо аз нокифоя будани ҷойҳои корӣ, балки аз бесамарии институтсионалӣ низ шаҳодат медиҳад.

**Муқаррароти чоруми ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба он асос меёбад, ки шуғли деҳот ҳамчун «хаб»-и асосӣ (маркази ҷамъкунанда) дар бозори умумии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунад. Азбаски муассисаҳои таълимӣ мутахассисони соҳаи кишоварзиро бо он миқдоре, ки дар шуғли деҳот банд шаванд, омода карда наметавонанд, аҳолии қобили меҳнат бинобар набудани имкониятҳои алтернативӣ маҳз дар ҳамин соҳа мутамарказ шудаанд.**

Дар раванди таҳқиқот муаллиф таъкид менамояд, ки бозори меҳнат дар маҳалҳои деҳот ҳамчун қисми асосии тамоми бозори меҳнат тавсиф дода мешавад ва шумораи машғулон дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал дар соли 2023 тақрибан 60%-и шумораи умумии машғулонро ташкил дод. Ба хусусиятҳои ташаккули бозори меҳнати кишоварзӣ инҳо дохил мешаванд: хусусияти ташаккули талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, таъмини мувозинати талабот ва пешниҳоди меҳнат, сифати қувваи кории ба бозор номувофиқ, набудани интихоби ҷойи кор барои корманди эҳтимолӣ, сатҳи пасти музди меҳнат, набудани институтҳо, мавсимӣ будани меҳнат ва ғайра.

**Ҷадвали 4. - Тақсимоти аҳолии машғули иқтисодиёти ҶТ аз рӯйи шаклҳои фаъолияти иқтисодӣ дар давраи солҳои 2019-2023 (бо ҳазор нафар)**

| Нишондиҳандаҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи умумии аҳолии машғул дар ҷумҳурӣ | 2463,4 | 2506,2 | 2533,5 | 2545 | 2625,3 |
| Кишоварзӣ, шикор ва хоҷагии ҷангал | 1507,3 | 1525,6 | 1535,3 | 1608,8 | 1618,7 |
| Машғулият дар соҳаи кишоварзӣ ба % аз шумораи умумӣ | 61,19 | 60,87 | 60,60 | 63,21 | 61,66 |

**Манбаъ:** Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ. Душанбе, 2024. - С. 86.

Ҳамин тариқ, қисми асосии аҳолии қобили меҳнат дар шуғли деҳот љалб карда шудааст. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар марҳалаи аввали рушди рақамикунонӣ қарор дорад, фаъолияти инфиродӣ метавонад фишанги асосии таъсиррасонӣ ба рушди иқтисодиёт ва заминаи таҳаввулоти ҷомеа гардад, ки самти гузариши шуғлро ба шароитҳои нави хоҷагидорӣ муайян мекунад. Муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити маҳдудияти замин ва суръати баланди афзоиши табиии аҳолӣ, тамоюлҳои мавҷудаи афзоиши шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ аз баръакси он шаҳодат медиҳанд. Дар солҳои

2000-2023 шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ 14,6 маротиба афзоиш ёфта, тамоюли рушдро дорост (рас. 3).




**Расми 3. - Динамикаи хоҷагиҳои деҳқонӣ (бо воҳид)**
**Манбаъ**: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Солномаи омории Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024, С. 238 таҳия шудааст.

Ин хусусиятҳо ба он равона мегарданд, ки дар аксари ҳолатҳо дар маҳалҳои деҳот на афзоиши талабот ба қувваи корӣ, балки коҳиши он ба амал меояд. Ташаккули бозори меҳнат дар бахши кишоварзӣ тавассути ташкили истеҳсолот ва ҳавасмандгардонии қувваи корӣ (пардохти музди меҳнат) сурат мегирад.

Ба ақидаи муаллиф, маҳз зиёдатии қувваи корӣ дар бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ боиси он мегардад, ки дар ин ҷо музди меҳнат пасттарин мебошад (рас. 4).




**Расми 4. - Фосилаи байни категорияҳо аз рӯйи музди меҳнат (кишоварзӣ ва музди меҳнати максималӣ)**
**Манбаъ**: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти Солномаи омории ҶТ 2024, С. 136 таҳия шудааст.

Муаллиф чунин мешуморад, ки хусусияти бозори меҳнати бахши кишовазӣ дар он аст, ки он ҳамчун «демпфер» (нармкунанда) баромад мекунад. Аз нуқтаи назари эконометрикӣ ин бо он асоснок карда мешавад, ки

фишори демографӣ дар деҳот аз шумораи ҷойҳои кории дар маҳалҳои шаҳрӣ таъсисшаванда зиёдтар аст.

Ин вазъият як қатор падидаҳои мушаххасро ба вуҷуд меорад:

- **Доми институтсионалии маҳсулнокии паст.** Соҳаи кишоварзӣ ҳамчун махзани сармояи меҳнатии зиёдатӣ баромад карда, боиси бекории ниҳонӣ мегардад. Кортаъминкунӣ дар ин бахш хусусияти маҷбурӣ дорад ва он ҳамчун макони татбиқи малакаҳои касбӣ хизмат намекунад;
- **Боздории таъдид.** Мавҷудияти қувваи кории арзон ва зиёдатӣ дар бахши кишоварзӣ хоҳиши корфармоёнро барои сармоягузорӣ ба автоматикунонӣ коҳиш медиҳад.

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар шароити рақамикунонӣ зарурати табдил додани бахши кишоварзӣ аз «хаб»-и пассиви институтсионалӣ ба сегменти динамикӣ тавассути ҷорӣ намудани институтҳои рақамӣ вуҷуд дорад. Дар шароити Тоҷикистон маҳз шуғли платформавӣ метавонад дар баромадан аз бунбасти макроиқтисодии «демпферикунонӣ» нақши калидӣ бозад.

**Муқаррароти панҷуми ба ҳимоя пешниҳодшаванда бо зарурати ташаккули бозори меҳнати чандир (эластикӣ) асоснок карда шудааст, ки он шарти стратегии татбиқи афзалиятҳои ба шуғли маҳсулнок нигаронидашуда дар доираи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Консепсияи иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» мебошад.**

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар шароити рушди иқтисодӣ рақамикунонӣ бо бозори анъанавии меҳнат, ки дар он танзими сахти шароити меҳнат мавҷуд буд, зиддият ба вуҷуд овард — шаклҳои нави фаъолият пайдо шуданд, ки онҳо дар навбати худ боиси пайдоиши усулҳои ғайрианъанавии фаъолияти бозори меҳнат, аз ҷумла бозори меҳнати чандир (эластикӣ) гардиданд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон дод, ки дар давоми чанд даҳсолаи охир раванди гузариш аз иқтисодиёти индустриалӣ ба усулҳои инноватсионии идоракунии шуғл боиси тағйироти куллӣ дар бозори меҳнат мегардад.

Дар ин замина, яке аз фишангҳои муҳимтарини танзими бозори меҳнат ва қуввваи корӣ чандирӣ (эластикӣ) мебошад. Дар ин замина, чандирӣ фарогирии васеи намудҳои кор, гуногунии касбҳо, омодагӣ ба шароитҳои зудтағйирёбанда, назорати навгониҳои идоракунӣ, маҳсулнокии баланди ҳар як корманди алоҳида, такмили ихтисоси нави кормандон, усулҳои пардохти музди меҳнат, реҷаи корӣ ва ғайраро дар бар мегирад.

Ташаккули бозори меҳнати чандир равандест, ки бештар бо тағйироти техникию технологӣ ва ташкилии равандҳои истеҳсолию идоракунӣ алоқаманд аст.

**Ҷадвали 5. - Омилҳои ташаккул ва рушди бозори меҳнати чандир (эластикӣ) ҳангоми гузариш ба шаклҳои нави шуғл ва оқибатҳои он**

| Омилҳои ба ташаккули бозори | Оқибатҳои таъсири омилҳо ба бозори меҳнат |
|---|---|

| | |
|---|---|
| **меҳнати чандир таъсиррасон** | |
| Ташаккули соҳаҳои нави дорои технологияҳои баланд | Тағйирёбии сохтор ва шаклҳои фаъолият; тафриқаи (дифференсиатсияи) ҳайати кормандон дар корхона ва ташаккули «бозорҳои дохилии меҳнат» ва касбҳои нав |
| Тағйироти демографӣ ва сохторӣ дар соҳаи меҳнат | Баррасии намудҳо ва шаклҳои нави шуғл, таҳияи принсипҳои алтернативии ташкили шароити меҳнат, реҷаҳои кор бо таваҷҷуҳ ба шаклҳои чандир ва инфиродии шуғл |
| Баланд гардидани арзиши меҳнат ва сифати «захираи инсонӣ» дар самтҳои муҳимтарини рушди илмию техникӣ ва техникию технологӣ, инчунин, рақамӣ | Муносибати тафриқавӣ (дифференсиатсияшуда) ба «бозорҳои дохилии меҳнат» ва сармоягузорӣ ба «сармояи инсонӣ» |
| Рушди технологияҳои иттилоотӣ | Гузариш аз шуғли пурра дар корхонаҳои калон ва хурд бо тафриқаи возеҳи меҳнат ба реҷаҳои чандири фаъолияти меҳнатӣ, ки ба технологияҳои рақамӣ асос ёфтаанд; афзоиши мустақилият ва бисёрсамтии кормандон, кори фосилавӣ |

**Идомаи ҷадвали 5**

| | |
|---|---|
| Ба таври якбора зиёд шудани ҳиссаи бахши хидматрасонӣ | Тағйирёбии низом ва шаклҳои хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагон ва истифодаи шаклҳои нави ғайрианъанавии шуғл |
| Тағйирёбии суръати афзоиши иқтисодӣ ва зиёд шудани шумораи бекорон, афзоиши шиддати муҳоҷирати меҳнатии дохилӣ ва берунӣ | Маҳдуд шудани имконияти фароҳам овардани шуғли пурра – ҷойҳои кории стандартӣ барои ҳама, паҳншавии васеи худшуғлӣ ва шуғли нопурра, шаклҳои виртуалии ташкили меҳнат, кироияи муваққатӣ |
| Пурзӯр гардидани нақш ва аҳаммияти бозорҳои молиявӣ, афзоиши сармоягузориҳои хориҷӣ | Тағйирот дар ҷойгиршавии ҷойҳои корӣ, паҳншавии васеи кори «фосилавӣ» |
| Вайроншавии ҳудудҳои иҷтимоии иттифоқҳои касаба | Бархам додани ҷойҳои кории стандартии аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифзшуда ва бо имтиёзҳои гуногун таъминшуда |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Омилҳои дар боло зикршуда метавонанд ҳамчун заминаҳо барои пурзӯр намудани чандирии бозори миллии меҳнат қабул карда шаванд. Дар шароити муосир аксарияти муҳаққиқон ташаккул ва рушди бозори меҳнат ва шуғлро бо флексибилизатсия (чандиршавӣ) алоқаманд медонанд ва ҳамзамон, яке аз асосҳои рақобатпазириро дар чандирии бозори меҳнат мебинанд.

Чандирӣ ин қобилияти низоми иқтисодӣ барои вокуниши зуд ва мутобиқшавӣ ба тағйироти шароити беруна мебошад, ки дар айни замон мувозинати иқтисодӣ ва идораи функсионалиро ҳангоми таъсири омилҳои беруна нигоҳ медорад. Зери мафҳуми «бозори чандири меҳнат» модели муосири ташаккулёбандаи рафтори захираҳои меҳнатӣ фаҳмида мешавад, ки маҷмуи тадбирҳоро дар нақшаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва истеҳсолӣ барои мутобиқшавии фаврии корхонаҳо ба шароитҳои зудтағйирёбандаи хоҷагидории иқтисодӣ ифода мекунад.

Муаллиф бар он ақида аст, ки бозори чандири меҳнат ин шакли нави фаъолияти бозори меҳнат мебошад, ки дорои хосиятҳои мутобиқшавии сохторӣ ба шароити тағйирёбандаи беруна буда, қобилияти нигоҳ доштани тавозунро ҳангоми таъсири омилҳои беруна ва дохила дорад.

Дар заминаи СРМ-2030 (шуғли пурмаҳсул) чандирии бозори меҳнат барои рушди иқтисоди миллӣ ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Дар доираи ин стратегия афзалиятҳои зерин муайян карда шудаанд:

- - ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсул;
- - таъсиси бозори меҳнати дохилии рақобатпазир;
- - баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ;
- -зиёд намудани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт;
- -диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна [19].

Бо дарназардошти афзалиятҳои стратегии дар боло зикршуда ҳалли вазифаҳо тавассути шуғли платформавӣ дар тартиби зерин пешниҳод карда мешавад (ҷадвали 6).

Ҳамин тариқ, фриланс ҳамчун абзори муҳимми ноил шудан ба чандирии бозори меҳнат баромад мекунад.

Ҳамчун исбот метавон мисоли вобаста ба пандемияи Covid-19-ро овард, ки тамоми ҷаҳонро аз паҳлуҳои гуногун, махсусан аз ҷиҳати иқтисодӣ такон дод. Оқибатҳои пандемия ба бозори меҳнати қариб тамоми ҷаҳон таъсир расонид. Корхонаҳои сершумор маҷбур шуданд, ки фаъолияти худро қатъ кунанд. Кормандони корхонаҳо низ аз ин оқибатҳо зарар дида, имконияти даромадро бо усулҳои маъмулӣ аз даст доданд. Барои ҳалли ин мушкилот кишварҳои пешрафта аввалин шуда, кори фосилавиро ҳамчун алтернатива ба бозори меҳнат ворид карданд ва маҳз ҳамин кишварҳо ба мутобиқшавӣ ва фароҳам овардани шароитҳои нави ташаккул ва фаъолияти бозори меҳнат шуруъ намуданд. Ҳанӯз то оғози пандемия дар ин кишварҳо барномаҳо оид ба кори фосилавӣ таҳия шуда буданд ва имрӯз танҳо дар ҳамин кишварҳо асосҳои мутобиқшавӣ ба шаклҳои нави фаъолият таҳия шудаанд, зеро дар он ҷо сатҳи баланди даромад ва дастрасии васеъ ба технологияҳои рақамӣ мавҷуд аст.

**Ҷадвали 6. – Гузориши вазифаҳои стратегӣ оид ба шуғли пурмаҳсул ва ҳалли онҳо**

| Афзалиятҳои СРМ-2030 | Нақши шуғли платформавӣ (фриланс) | Таъсири иқтисодӣ (чандирӣ) |
|---|---|---|
| Ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсул | Платформаҳои рақамии ҷаҳонӣ барои дастрасӣ ба ҷойҳои кории бемаҳдуд шароит фароҳам меоранд | Васеъшавии бозори меҳнат то миқёси ҷаҳонӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ барои ҷавонон ва занон |
| Таъсиси бозори меҳнати дохилии рақобатпазир | Шуғли платформавӣ инҳисоротро (монополияро) аз байн бурда, корфармоёнро маҷбур месозад, ки бо корфармоёни ҷаҳонӣ рақобат | То сатҳи љаҳонӣ баланд шудани музди меҳнат мусоидат мекунад |

| | | |
|---|---|---|
| | кунанд | |
| Баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ | Шуғли платформавӣ малакаҳои мушаххаси рақамиро талаб мекунад, ки ин низоми маорифро барои мутобиқшавӣ ба чолишҳои нави бозор ҳавасманд месозад | Омӯзиши кӯтоҳмуддат дар шакли даромади фрилансер зуд натиҷа медиҳад |
| Зиёд намудани ҳиссаи шуғли расмӣ дар иқтисодиёт | Таъсиси биржаи миллии шуғли платформавӣ барои бақайдгирии фрилансерҳо бо мақоми худшуғлӣ кумак мерасонад | Чандирии институтсионалӣ: васеъшавии пойгоҳи андози миллӣ |
| Диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатии беруна | Аз байн бурдани зарурати муҳоҷирати воқеӣ (физикӣ) | Коҳиши вобастагии иқтисодиёт аз кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия (чандирии ҷуғрофӣ) |

Таҳияи муаллиф

Ба пайдоиши бозори чандири меҳнат омилҳои гуногун таъсир расониданд, ки ба онҳо гузариш аз иқтисоди нақшавӣ ба механизми бозории идораи иқтисодиёт низ дохил мешавад. Ин гузариш боиси коҳиши рушди саноат ва афзоиши соҳаи хизматрасонӣ, пайдоиши шаклҳои нави шуғл ва талабот ба онҳо, шароитҳои доимо тағйирёбанда, ки аз кормандон мутобиқшавии фавриро талаб мекунанд ва рақобат дар бозори меҳнат гардид, ки бо сабаби он кормандон бояд салоҳиятҳои рақамии худро васеъ ва такмил диҳанд. Дар ин замина, дар доираи Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040 омодасозии кадрҳои баландихтисос, рушди салоҳиятҳои рақамии онҳо пешбинӣ шудааст.

Вобаста ба ин, вазифаи стратегии давлат, ки аз Консепсияи иқтисоди рақамӣ то соли 2040 бармеояд, аз трансформатсияи (табдилдиҳии) шаклҳои анъанавии фаъолияти меҳнатӣ ба шаклҳои муосири технологияҳои баланди шуғл иборат мебошад.

Ба ақидаи муаллиф, амалисозии ин консепсия ба мутобиқшавии аҳолӣ ба чолишҳои муосири глобалӣ ва ташаккули бозори чандири меҳнат мусоидат хоҳад кард, ки ин ба иқтисоди миллӣ таъсири худро мерасонад (ниг. ба ҷадвали 7).

Ба ақидаи муаллиф, таҷдиди сохтории иқтисодиёт, ки дар натиҷаи шароитҳои доимо тағйирёбанда ба вуҷуд омадааст, пайдоиши бахшҳо ва шаклҳои нави фаъолият боиси коҳиши намудҳои анъанавии касбҳо гардиданд. Ин вазъият зарурати ҳаракати қувваи корӣ, малакаҳои нави касбӣ ва донишро ба миён овард. Дар чунин шароит талабот ба қувваи кории дорои тахассуси баланд афзоиш ёфта, ба шахсони омодагии касбии мувофиқ ба шароитҳои имрӯза надошта коҳиш ёфт.

**Ҷадвали 7. – Трансформатсияи институтсионалии шаклҳои шуғл дар доираи вазифаҳои стратегӣ ҳамчун омили чандирии бозори меҳнат**

| Намудҳои анъанавии шуғл | Трансформатсияи шаклҳои шуғл | Механизми макроиқтисодӣ | Таъсири иқтисодӣ |
|---|---|---|---|
| **Шуғли мавсимӣ** | Ғайритаркибии рақамии меҳнат | Дастрасии фаврӣ ба фаъолияти рақамӣ боиси коҳиши бекории фрикционӣ мегардад | Коҳиши тағйирёбии мавсимии ММД-и миллӣ |
| **Меҳнати тасодуфӣ** | Институтсионаликунонии шуғли платформавӣ | Коҳиши хароҷоти транзаксионӣ | Тақсимоти самараноки сармояи меҳнатӣ дар иқтисодиёт |
| **Меҳнати хонагии занон ва нафақахӯрон** | Диверсификатсияи ҳудудии меҳнат | Барҳам додани монеаҳои ҷуғрофӣ, нигоҳдории сармояи меҳнатӣ дар минтақаҳо | Коҳиши сарборӣ ба инфрасохтори шаҳрӣ |
| **Худшуғлӣ** | Фриланси (содиротӣ) | Содироти пешниҳоди хизматрасониҳои умумии рақамӣ | Воруди маблағҳои молиявӣ ба кишвар |

Таҳияи муаллиф

Дар шароити рақамикунонӣ бозори меҳнат на танҳо аз ҳисоби шаклҳои анъанавии фаъолият, балки аз ҳисоби намудҳои нави ташкилотҳо, аз қабили ташкилотҳои виртуалӣ, шабакавӣ ва ғайра ташаккул меёбад, ки ин боиси афзоиши талабот ба шаклҳои инноватсионии касбҳо мегардад.

**Муқаррароти шашум, ки барои ҳимоя пешниҳод мегардад, аз таҳқиқи категорияи фриланс ҳамчун намуди нави муносибатҳои меҳнатии институти худшуғлӣ иборат аст.**

Дар шароити рақамикунонӣ худшуғлии инноватсионӣ ҳамчун намуди нави фаъолнокии иқтисодӣ ба баланд гардидани сатҳи шуғл дар маҷмуъ мусоидат намуда, фаъолияти бозори меҳнатро тавассути таъсиси ҷойҳои нави корӣ дастгирӣ мекунад ва дар ниҳоят боиси рушди сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.

Зери мафҳуми “худшуғлии инноватсионӣ” фаъолияти шахсоне фаҳмида мешавад, ки дар раванди кори худ аз технологияҳои муосири компютерӣ истифода мебаранд. Худшуғлии инноватсионӣ ё ба ибораи дигар фрилансинг, шакли фаъолиятест, ки ба худшуғлии муқаррарӣ шабоҳат дошта, дар он корфармо кормандро барои иҷрои вазифаи мушаххас киро мекунад; аммо ин амалҳо дар фарқият аз худшуғлии анъанавӣ, дар фазои интернет бо истифода аз технологияҳои компютерӣ ва замимаҳои мобилӣ сурат мегиранд.

Муаллиф бар он ақида аст, ки яке аз ҷанбаҳои асосии мусбати фриланс дар он аст, ки шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд метавонанд ба он машғул шаванд. Барои Тоҷикистон, ба монанди дигар кишварҳо, фриланс ҳамчун худшуғлӣ аз ин нуқтаи назар бояд муҳим ва мубрам бошад. Фриланс фаъолиятест, ки гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ низ метавонанд ба он ҷалб карда шаванд.

Ҳамин тариқ, ба ақидаи муаллиф, фриланс ин фаъолияти мувофиқ ва зудиҷрошаванда (аксар вақт кӯтоҳмуддат) буда, шахси дар ин соҳа машғулбуда барои худ кор мекунад, реҷаи корӣ, ҳаҷми кор ва андозаи музди меҳнатро мустақилона муайян менамояд. Ӯ шахси эҷодкорест (фрилансер), ки малакаи истифодаи технологияҳои компютерӣ, таъминоти барномавии гуногун ва захираҳои интернетиро доро буда, хоҳиши иҷрои фармоишҳоро дорад. Фрилансер имкон дорад фармоишҳоро ҳамчун шахси воқеӣ бо пардохти андозҳои муайян иҷро кунад ва ё фаъолияти худро ҳамчун соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирад.

Ба ақидаи муаллиф, фриланс ҳам ҷанбаҳои мусбат ва ҳам манфӣ дорад (ниг. ба ҷадвали 4). Хусусиятҳои зикршуда характери субъективӣ дошта, дар канори онҳо зарурати баррасии фриланс аз нуқтаи назари объективӣ низ мавҷуд аст – яъне то чӣ андоза фриланс ҳамчун шакли фаъолияти меҳнатӣ барои ҷомеа дар маҷмуъ ва барои давлат муфид аст:

**Аввалан**, бозори меҳнати «фриланс»-е, ки дуруст фаъолият мекунад, метавонад ба пайдоиши манбаи иловагии пур кардани буҷет мусоидат кунад.

**Дувум**, раванди рақамикунонии иқтисодиёт на танҳо ба технологияҳо, балки ба одамон низ таъсир мерасонад, зеро кори фрилансерӣ бо коргароне алоқаманд аст, ки малакаҳои хуби компютерӣ доранд.

**Севум**, аҳолӣ имкони "ворид шудан" ба арсаи байналмилалиро пайдо мекунад ва барои пул кор кардан ба дигар кишварҳо муҳоҷират кардан тамоман шарт нест.

**Чорум**, агар фрилансерҳо забони англисиро аз худ кунанд, вазъияти муҳоҷират (манзур муҳоҷират ба ФР) метавонад ба тарафи мусбат тағйир ёбад.

**Панҷум**, имконияти таъсиси ҷойҳои нави корӣ на танҳо барои қисми аҳолии қобили меҳнат, балки барои шахсони синни нафақа, инчунин, занон ва шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд фароҳам меояд.

**Шашум**, қисме аз аҳолӣ, ки дорои ҷойи кори доимӣ мебошанд, имкони гирифтани даромади иловагиро пайдо мекунанд, ки ин ба сатҳи зиндагии онҳо таъсири ҷиддӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар шароити афзоиши бекорӣ ва андозаи нокифояи музди меҳнат, ҳангоми ҷустуҷӯи даромади иловагӣ ё дар сурати набудани ҷойи кор дар инсон зарурати таъмини даромади моддӣ ба вуҷуд меояд ва фриланс ҳамчун яке аз шаклҳои фаъолияти меҳнатӣ барои аҳолии кишварҳои пешрафта ба яке аз роҳҳои баромадан аз вазъияти мавҷуда табдил ёфт.

Ба ақидаи муаллиф, як қатор сабабҳо мавҷуданд, ки боиси ба шакли фаъолияти фриланс рӯ овардани одамон мегарданд (Расми 5).




**Расми 5. – Сабабҳои асосии интихоби фаъолияти фриланс**
Таҳияи муаллиф

Ҳамчун шакли мустақили фаъолият, бозори хизматрасониҳои фриланс тамоюли афзоиш дошта, яке аз сегментҳои муҳимми бозори меҳнат дар миқёси ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ин шакли фаъолият дорои имкониятҳои дарозмуддат буда, ҷомеаи ҷаҳониро дар бораи мавҷудияти мутахассисон дар кишварҳои гуногун огоҳ месозад ва рақобати афзояндаро байни иҷрокунандагон ҳавасманд мекунад. Аммо, бидуни таҳияи шароитҳои муносиби фаъолияти ин сегмент, соҳаи мазкур метавонад аз таҳти назорати танзими давлатӣ берун монад.

Имрӯз ҳатто дар кишварҳои пешрафта низоми ба таври кофӣ танзимшудаи соҳаи фриланс мавҷуд нест ва то ҳол ин сегменти бозори меҳнат, агарчи қисман бошад ҳам, берун аз доираи танзими ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ боқӣ мондааст. Яке аз сабабҳои чунин вазъ шуғли ғайримунтазам дар соҳаи фриланс мебошад ва ин ғайримунтазамӣ барои идоракунии ҷойҳои корӣ монеаҳо эҷод мекунад. Ин ҳолат як қатор мушкилотро ба вуҷуд меорад, ба мисли: давлат дар бораи шумораи аҳолии дар бозори фриланс машғулбуда маълумоти пурра надорад, фишангҳои андозӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии таъсиррасонӣ мавҷуд нестанд, маълумоти оморӣ дар бораи фрилансерҳо ва ғайра дастрас нест.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад, ин шакли фаъолият навоварӣ ба шумор рафта, таҳияи сиёсати танзими дақиқро талаб мекунад –аз таълими худи фрилансерҳо сар карда, то ба танзим даровардани суръат ва арзиши шабакаи интернет, инчунин, баланд бардоштани маърифати тамоми аҳолӣ, то ки онҳо дар бораи мавҷудияти бозори фриланс огоҳии кофӣ дошта бошанд.

Дар ҳамкорӣ бо Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барномае роҳандозӣ шуд, ки ба ҷавонон ва наврасони шаҳри Душанбе аз 16 то 30-сола нигаронида шуда буд. Дар доираи лоиҳа курсҳои ройгон оид ба саводнокии рақамӣ ба роҳ монда шуданд. Дар курс

иштирокчиён имкониятҳои худро рушд дода, малакаҳои кор бо микро-вазифаҳоро барои бо кор таъмин шудан дар платформаҳои аутсорсингии мисли Yandex Toloka, Microsoft UHRS, Product Similarity ва Crowd Spam Labeling Russian аз худ мекунанд. Дар натиҷа, хатмкунандагони ин барнома дар ширкатҳои Zypl.AI ва Loopa.AI ба кор шурӯъ карданд. Дар раванди татбиқи ин барнома натиҷаҳои зерин муайян карда шуданд:

**Ҷадвали 8. – Натиҷаҳои омӯзиши ҷавонон оид ба фриланс**

| Ариза супориданд | Қабул шуданд | Хатм карданд | Барномаро ба охир расониданд | Бо кор таъмин шуданд |
|---|---|---|---|---|
| Зиёда аз 2 ҳазор нафар | Зиёда аз 1100 нафар | Зиёда аз 400 нафар | 256 нафар | 23 нафар |

**Сарчашма**: Аз ҷониби муаллиф дар асоси [1] тартиб дода шудааст.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби субъектҳои алоҳида барои рушди бозори фрилансерҳо кӯшишҳо ба харҷ дода мешаванд, вале ба назари мо, барои дар бозори фриланс ноил шудан ба натиҷаи дилхоҳ аз марҳилаҳои зиёди омодасозии аҳолӣ гузаштан зарур аст.

Бо дарназардошти он ки дар кишвар суръат ва нархи интернет ба шароитҳои муосир мувофиқат намекунанд, чунин меҳисобем, ки фароҳам овардани шароитҳои мусоид вобаста ба ин нишондиҳандаҳо қисми ҷудонашавандаи гузариши аҳолӣ ба бозори фриланс мебошад.

Азбаски таъминоти компютерӣ асосан бо забонҳои русӣ ва англисӣ фаъолият мекунад, марҳилаи дуюми гузаришро ба фриланс дар омӯзиши ин забонҳо ба аҳолӣ мебинем. Гузашта аз ин, дар бозори фриланс маҳдудиятҳо вобаста ба сарҳадҳои давлатӣ мавҷуд нестанд, зеро тамоми раванди меҳнат ва муносибатҳои меҳнатӣ дар шакли рақамӣ сурат мегиранд. Вобаста ба ин, фармоишгарон метавонанд аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон бошанд ва асосан донистани забони англисӣ барои амалисозии фаъолияти меҳнатии фрилансер муҳим дониста мешавад.

Тавре ки қаблан зикр гардид, фаъолияти фриланс комилан аз он вобаста аст, ки фрилансери эҳтимолӣ то чӣ андоза малакаҳои компютериро соҳиб аст ва технологияҳои компютериро медонад. Дар ин замина, гузариш ба фриланс бидуни ин малакаҳо имконнопазир аст, дар ҳоле ки ҳангоми доштани ин малакаҳо ҳар як шаҳрванд, новобаста аз синну сол ва мансубияти ҷинсӣ, метавонад фрилансер шавад.

Чунин вазъият аз он сабаб ба вуҷуд меояд, ки миёнаравҳо (биржаҳои рақамии меҳнат) имкони саркашӣ аз супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро доранд. Дар ин замина, муаллиф таъсиси биржаи меҳнати фрилансерҳои дорои аҳаммияти давлатиро мақсаднок меҳисобад, ки ба пешгирии мушкилоти зикршуда мусоидат менамояд.

Муаллиф ин воқеиятро инкор намекунад, ки гузариш ба ин намуди фаъолияти меҳнатӣ як қатор душвориҳои муайянро ба пеш меорад, аммо бо ноил шудан ба натиҷа, як қатор мушкилоти марбут ба бозори меҳнат метавонанд ҳалли худро ёбанд:

- коҳиши бекорӣ;
- фаъолияти самараноки бозори меҳнат;
- ҷалби шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд;
- манбаи иловагии даромадҳои буҷет;
- сафарбаркунии (мобилизатсияи) қувваи корӣ ва ҳамгироии он ба бозори ҷаҳонӣ;
- баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ.

Махсусан қайд кардан муҳим аст, ки фриланс ҳамчун сегменти меҳнат бояд хусусияти давлатӣ дошта бошад, яъне биржаҳои меҳнат аз ҷониби давлат таъсис дода шаванд. Ин имкон медиҳад, ки сегменти мазкур пурра танзим гардида, пайдоиши мушкилоти иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ ва дигар масъалаҳои ҳамроҳ аз байн бурда шаванд.

Ҳамин тариқ, таҳлили дастгоҳи категориявии бозори меҳнат имкон медиҳад, ки тафсири муаллифии мафҳуми «фриланс» пешниҳод карда шавад: ин намуди махсуси фаъолияти меҳнатӣ мебошад, ки аз ҷониби шахсони дорои қобилиятҳои зеҳнӣ ва донишҳои IT-технологияҳо амалӣ гардида, онҳо ин қобилият ва донишҳоро дар раванди меҳнат ҳамчун манбаи даромади имконпазир истифода мебаранд.

Фрилансерҳо метавонанд дар рушд ва шуғли аҳолии деҳот нақши назаррас доранд. Аммо дар шароити Тоҷикистон, фриланс тафсири онро на танҳо ҳамчун шакли шуғл, балки чун институти инноватсионии худшуғлӣ талаб мекунад, ки қодир аст сохтори бозори меҳнатро тағйир диҳад. Худшуғлӣ дар ҷумҳурӣ бо маҳсулнокии паст тавсиф ёфта, асосан дар бахши кишоварзии иқтисодиёт сурат мегирад, фриланс бошад, ба ташаккули шуғли дорои технологияҳои баланд мусоидат мекунад.




**Расми 6. – Модели институтсионаликунонии фриланс**
**Сарчашма:** Коркарди муаллиф

Дар расми 6, модели муаллифии институтсионаликунонии шуғли платформавӣ нишон дода шудааст. Дар тарафи чап детерминантҳое оварда шудаанд, ки зарурати трансформатсияи рақамиро муайян мекунанд. Дар маркази расм платформаи рақамӣ ҷойгир шудааст, ки нақши институти худшуғлиро иҷро мекунад, тарафи рост бошад, натиҷаи аллакай батартибдаровардашударо ифода мекунад.

Фишангҳои андозӣ маънои фишангҳои чандири андозиро доранд, ки фрилансерҳоро барои баромадан аз минтақаи норавшан (иқтисодиёти пинҳонӣ) ҳавасманд мекунанд. Салоҳиятҳои рақамӣ ҳамчун омилҳои асосии омӯзиши муттасили малакаҳои рақамиро дар назар доранд.

Ҳамин тариқ, модели пешниҳодшуда метавонад ҳамчун танзимгари бозори рақамии меҳнат хизмат кунад ва дар доираи ин равиш метавон ба хулосае омад, ки платформаҳои рақамӣ қодиранд мушкилоти стратегии иҷтимоию иқтисодиро ҳал кунанд.

Бозори чандири меҳнат метавонад захираҳои зиёдатии меҳнатиро ба равандҳои меҳнат ҷалб кунад; содироти хизматрасониҳои рақамӣ барои монетизатсияи потенсиали меҳнатӣ бидуни зарурати муҳоҷирати воқеӣ (физикӣ) кумак мерасонад, ки ин боиси коҳиши сарбории иҷтимоӣ ба буҷети миллӣ мегардад. Гузашта аз ин, шуғли платформавӣ (ҳангоми таъсиси платформаи рақамии миллӣ) метавонад шаффофияти андозро дар кишвар таъмин намояд.

**Муқаррароти ҳафтум, ки барои ҳимоя пешниҳод мегардад, аз муайян намудани самтҳои афзалиятноки танзими бозори меҳнат дар шароити муосир иборат аст. Дар доираи ин муқаррарот арзёбии татбиқи сиёсати шуғл гузаронида шудааст.**

Муаллиф дар рисола қайд мекунад, ки нақши пешбаранда дар танзими бозори меҳнат ба давлат ва мақомоти ҳокимият вогузор карда мешавад, ки фаъолияти онҳо ба низоми шуғл нигаронида шудааст. Дар шароити муосири бозорӣ, бозори меҳнат наметавонад ба таври худкор (автоматӣ) худтанзимкунии шуғлро таъмин намояд ва мувозинат байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ бидуни таъсири беруна ба даст намеояд. Дар Тоҷикистон мақомоти давлатӣ чунин таъсир мерасонанд, ки амалҳои онҳо ба муътадилсозии соҳаи шуғл нигаронида шудаанд. Ин муътадилсозӣ тавассути усулҳо ва фишангҳои гуногуни таъсири мустақим ва ғайримустақим, ки манфиатҳои захираҳои меҳнатиро ба худтатбиқкунӣ ва фаъолияти меҳнатӣ ҳавасманд мекунанд, амалӣ карда мешавад. Сиёсати шуғли Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди бозори меҳнат нигаронида шуда, татбиқи он тавассути таъсиси меъёрҳои ҳуқуқӣ, институтсионалӣ ва иқтисодӣ сурат мегирад. Муаллиф дар байни самтҳои сиёсати давлатии шуғл самтҳои афзалиятнокро ҷудо кардааст.

Барои ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда дар доираи сиёсати шуғл давлат вазифаҳои зеринро пеш мегузорад:

1. Таъсиси ҷойҳои нави корӣ;

2. Фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди институтҳои бозори меҳнат;
3. Таъсиси шароити чандир дар бозори меҳнат;
4. Беҳтар намудани ҳаракати меҳнатӣ ва касбии қувваи корӣ.

Умуман, сиёсати давлатӣ ба такмили соҳаи шуғл дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст (ҷадвали 9).

**Ҷадвали 9. – Принсип ва самтҳои асосии сиёсати шуғл**

| Принсипҳои шуғл | |
|---|---|
| Ихтиёрӣ будани меҳнат | Шаҳрванд дар интихоби кор кардан ё накардан озод аст. Бекорӣ тибқи қонун таъқиб карда намешавад |
| Таъмини имкониятҳои баробар | Ҳар як шахс, новобаста аз нажод, миллат, дин, ақидаҳои сиёсӣ ва сатҳи таҳсилот, ба интихоби озоди шуғл ҳуқуқ дорад |
| Фароҳам овардани шароитҳои мусоид | Таъмини музди меҳнати арзанда ва зиндагии шоиста, инчунин, кумак дар худтатбиқкунии шахс |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | Ҳифзи шаҳрвандон аз бекорӣ ва дастгирии иҷтимоии шахсони ниёзманд |
| Дастгирии давлатӣ | Давлат ухдадор аст шуғли пурра ва маҳсулнокро таъмин ва дастгирӣ намояд |
| Сиёсати фаъолияти соҳибкорӣ | Мусоидат ва дастгирии шаҳрвандони ба фаъолияти соҳибкорӣ ва худшуғлӣ дар доираи қонун машғул, инчунин, мусоидат дар рушди қобилият ва малакаҳо. |
| Сиёсати маориф | Ҳамоҳангсозии низоми омодакунии кадрҳо дар асоси талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат |
| Сиёсати иҷтимоӣ | Дастгирии гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ, гузаронидани чорабиниҳо оид ба мусоидат ба шуғл ва дастгирии иҷтимоии онҳо |
| Сиёсати молиявӣ | Пардохти ҷубронпулӣ ва кумакпулиҳо барои бекорӣ, кумаки моддӣ ба аъзои оилаи бекорон |
| Коҳиши бекорӣ | Коҳиши бекорӣ тавассути таъсиси ҷойҳои корӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкороне, ки ҷойҳои корӣ таъсис медиҳанд, муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳо |
| Сиёсати байналмилалӣ | Танзими ҳамкориҳои байналмилалӣ, мусоидат дар ҷустуҷӯи кор дар хориҷа ва ҳифзи ҳуқуқҳои муҳоҷирон |
| Сиёсати институтсионалӣ | Ҳамоҳангсозии амалҳои иттифоқҳои касаба, корфармоён, қувваи корӣ ва давлат ҳангоми ҳалли мушкилоти шуғл |

**Идомаи ҷадвали 9**

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Аз замони ба даст овардани истиқлолият сохтори мукаммал оид ба мусоидат ба шуғл – Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хадамоти давлатии шуғл, инчунин, омори ҷамъоварии маълумот дар бораи вазъи бозори меҳнат ва ғайра фаъолият мекунанд. Дар баробари ин, барои амалисозии сиёсати шуғл санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла «Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ» қабул карда шудаанд. Ин қонун танзими муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатиро оид ба шуғли аҳолӣ тавассути асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилӣ пешбинӣ намуда, ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафолати ҳифзи бекориро таъмин менамояд. Ҳамчунин, қонуни мазкур расонидани кумак ба бекорон дар ҷустуҷӯи кор, пардохти кумакпулиҳо ва кумаки моддӣ ба аъзои оилаи бекор дар синни то 15-сола, мусоидат ба шуғли пурра ва ғайраро пешбинӣ мекунад. Принсипҳои асосии сиёсати шуғлро ҷудо мекунем (рас. 7).

Сиёсати шуғл аз муҳиммияти таъмини шуғли самаранок, фаъолияти муътадили бозори меҳнат ва мувозинати шароити он дар доираи ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ — таъмини амнияти озуқаворӣ ва баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ сарчашма мегирад. Таҳти фаъолияти муътадили бозори меҳнат мавҷудияти механизми самараноки муътадилсозӣ ва мутавозинии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, инчунин, коҳиши бекорӣ фаҳмида мешавад.



**Расми 7. - Намудҳои сиёсати шуғл**
Таҳияи муаллиф

Амалисозии сиёсати шуғл тавассути ду навъи сиёсат — фаъол ва ғайрифаъол (пассив) сурат мегирад.

Ин гуна сиёсат ҳамкории соҳаҳои алоҳидаи шуғл, гурӯҳҳои иҷтимоӣ, фаъолияти иттифоқҳои касаба ва ғайраро пешбинӣ намуда, манфиатҳо ва амалҳои ҳамагонро ҳамоҳанг месозад. Сиёсати шуғл барои таъмини шуғли пурмаҳсул нигаронида шудааст ва бо ёрии таҳияи стратегияву барномаҳои давлатӣ, ки бозори меҳнатро ташаккул дода, номутавозиниро бартараф мекунанд, амалӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, маълумоти ҷадвалҳо гувоҳи онанд, ки асосан бандҳои стратегия ва барномаҳои мусоидат ба шуғл бояд ба амалисозии сиёсати фаъоли шуғл равона карда шаванд.

Барои ноил шудан ба мувозинати талаботу пешниҳод ва баланд бардоштани сармояи меҳнатӣ, ҳангоми татбиқи сиёсати шуғл метавон асосан аз сиёсати фаъоли шуғл истифода бурд.

Интихоби вазифаҳои афзалиятнок такмили сиёсати шуғлро пешбинӣ ва вазифаҳои асосиеро муайян менамояд, ки дар навбати худ ба такмили бозори меҳнат дар маҷмуъ мусоидат мекунанд. Ҳадаф ва вазифаҳои ҷудокардашуда, ки ба такмили бозори меҳнат нигаронида шудаанд, метавонанд аз ҳисоби сиёсати фаъоли шуғл амалӣ карда шаванд. Ин сиёсат барои эҷоди конъюнктураи оптималии бозори меҳнат, тавсеаи шуғли пурмаҳсул, баланд бардоштани самаранокии таҳсилоти касбӣ, таъсис ва таҳкими механизми омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосири бозори меҳнат, омӯзиши васеи шуғли фосилавӣ ва ғайра равона шудааст.

Татбиқи сиёсати фаъоли шуғл аз ҷониби мақомоти давлатии мухталиф ва вазифаҳои алоҳидаи ин сиёсат тавассути марказҳои шуғли аҳолӣ сурат мегирад. Вазифаи асосии ин марказҳо мусоидат дар ҷустуҷӯи кор, кумак барои бо кор таъмин шудан, инчунин, омодасозӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо мебошад. Марказҳои шуғли аҳолӣ ҳамчун яке аз сохторҳои давлатӣ бояд талабот ва пешниҳоди қувваи кориро ҳамоҳанг созанд, барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандон мусоидат ва омодасозии кадрҳоро ташкил намоянд ва ғайра.

Таҳлили самаранокии сиёсати шуғл нишон медиҳад, ки дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ, ҳангоми таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкорӣ барои таъсиси ҷойҳои корӣ бояд чолишҳои муосир ва шароити равандҳои иҷтимоию иқтисодие, ки бо муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл алоқамананд, ба назар гирифта шаванд.

Ба ақидаи муаллиф, барои амалисозии ин самт иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

1. **Ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ барои таъсиси ҷойҳои кории нав. Ҳалли ин вазифа тавассути истифодаи чанд абзори ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад, аз ҷумла:**
   – абзори молиявию қарзӣ;
   – абзори андозӣ;
   – дотатсияҳои давлатӣ;
   – сабук гардонидани равандҳои маъмурии бақайдгирии соҳибкорон ва санҷишҳои минбаъда ва ғайра.
2. **Амалисозии чорабиниҳое, ки ба азхудкунии намудҳои нави фаъолияти меҳнатӣ мусоидат мекунанд:**
   – ташкили курсҳои омӯзишии намудҳои нави касбҳои марбут ба технологияҳои рақамӣ ба аҳолӣ;
   – ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои омӯзиши шаклҳои нави фаъолият;
   – амалисозии чорабиниҳое, ки ба оммавигардонии шаклҳои нави шуғл нигаронида шудаанд ва ғайра.
3. **Шаклгирӣ ва такмили низоми муносибатҳои шарикӣ (давлат-корфармо-корманд) дар соҳаи хизматрасонӣ:**
   – пурзӯр намудани нақши давлат дар муносибатҳои меҳнатӣ дар соҳаи хизматрасонӣ;
   – аз ҷониби давлат ташкил намудани биржаҳои меҳнат дар соҳаи хизматрасонӣ ва ғайра.
4. **Таъмини соҳаи хизматрасонии иқтисодиёт бо қувваи кории дорои малакаҳои шаклҳои нави шуғл (фриланс):**
   – дастгирии рушди иқтисодиёт тавассути таъмини шаклҳои нави шуғл дар соҳаи хизматрасонӣ ва ғайра.
5. **Такмили низоми омӯзиш ва омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнати муосир, ки бо технологияҳои рақамӣ алоқаманданд:**
   – ташкили марказҳои омӯзишӣ барои бозомӯзии кадрҳо дар шароити шаклҳои нави шуғл;
   – ҳавасмандгардонии корфармоён барои такмили ихтисос ва бозомӯзии кадрҳо ва ғайра.
6. **Такмили механизми мониторинг ва моделсозии муфассали равандҳо дар бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ:**
   – ташкил ва такмили мониторинги давлатии соҳаи хизматрасонӣ ва ғайра.

Амалӣ намудани самтҳои афзалиятнок имкон медиҳад, ки барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ, яъне таъмини шуғли самаранок дар бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл, шароит фароҳам оварда шавад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми дуруст интихоб ва тарҳрезӣ намудани сиёсати шуғл метавон як қатор мушкилоти марбут ба шуғли аҳолиро ҳал кард, ба мувозинати талаботу пешниҳод дар бозори меҳнат, суботи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии

кишвар ноил гардид. Дар баробари ин, як қатор вазифаҳои дигар низ мавҷуданд, ки ҳалли онҳо метавонад ба танзими бозори меҳнат мусоидат кунад:

**Ҷадвали 10. - Вазифаҳои асосӣ ва роҳҳои ҳалли танзими бозори меҳнат**

| Вазифаҳо | Роҳҳои ҳал |
|---|---|
| Таъсиси маркази иттилоотӣ-рақамӣ (равзанаи ягона) | Бо ёрии чунин марказ (равзанаи ягонае, ки аз ҷониби давлат танзим мешавад) имкони мутамарказ намудани талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ пайдо мегардад |
| Таҷдид (реструктуризатсия) ё такмили самараноки фаъолияти хадамоти шуғл | Ҷамъоварии маълумоти дақиқтар дар бораи шумораи аҳолии бекор, мусоидат барои бо кор таъминкунӣ ва назорати минбаъдаи кормандон, кумак ба корфармоён дар эҷоди муҳити мусоид барои кормандон, ҳифзи иҷтимоии коргарон ва бекорон ва ғайра |
| Такмили соҳаи маориф | Ташкили омодасозии кадрҳое, ки барои шароити зудтағйирёбандаи бозори меҳнат пешсаф мебошанд |
| Дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ | Дастгирии молиявии соҳибкороне, ки корфармо мебошанд ва дар ҳолати душвор, ба монанди муфлисшавӣ қарор доранд, инчунин, ба онҳо пешниҳоди қарзҳо бо фоизҳои пасттар |
| Дастгирии молиявии ҷавонон | Расонидани кумаки молиявӣ ба соҳибкорони оянда аз байни ҷавонон, сармоягузории стартапҳо дар доираи рақамикунонии иқтисодиёт |
| Дастгирии аҳолии деҳот дар доираи рушди бозори меҳнат | Ташкили шароити мусоид барои рушди шуғли аҳолии деҳот, омодасозӣ ва тағйири самти касбии аҳолии деҳот, инчунин, таъсиси ҷойҳои кории ғайрикишоварзӣ барои сокинони деҳот |
| Дастгирии тиҷорати хурд ва миёна | Озодкунии муваққатӣ аз андозҳо ва дигар пардохтҳои давлатӣ, инчунин, дастгирии молиявии соҳибкорони навкор |

**Идомаи ҷадвали 10**

| | |
|---|---|
| Тақвият додан ва такмили таъсири иттифоқҳои касаба ба равандҳои бозори меҳнат | Мусоидат ба ҳаракати қувваи корӣ (касбӣ ва ҳудудӣ) тавассути пешниҳоди маълумот дар бораи ҷойҳои корӣ, инчунин, кумак дар омодасозӣ ва бозомӯзии касбии бекорони муваққатӣ, мусоидат барои бо кор таъминкунии минбаъда ва тақсимоти оптималии қувваи корӣ. Ташкили робитаи зичтар байни марказҳои шуғл, корфармоён ва дигар мақомоти ҳокимият оид ба масъалаҳои бо кор таъминкунӣ ва огоҳкунӣ дар бораи ҷойҳои кории холӣ |
| Гузариш ва мутобиқшавии бозори меҳнат ба шароити нав дар доираи шаклҳои нави шуғл | Бознигарии категорияи «корманд», эҷоди як намуди нави корманд, ки на танҳо дар дохили кишвар, балки дар сатҳи байналмилалӣ дар шароити технологияҳои рақамӣ рақобатпазир бошад |

**Сарчашма:** Таҳияи муаллиф

Ҳамин тариқ, бо вуҷуди он ки бозори меҳнат дар бисёр мавридҳо механизми худтанзимкунанда ба ҳисоб меравад, бе дахолати мустақими давлат ва пешбурди сиёсати ғайрифаъол ва бештар сиёсати фаъоли танзими он шаклгирӣ ва фаъолияти оптималии он дар шароити муосир ғайриимкон мебошад. Дар шароити тағйироти (трансформатсияи) бозори меҳнат амалисозии сиёсати шуғл дар заминаи рақамикунонии иқтисодиёт ва шаклҳои нави шуғл зарур аст. Дар ин робита, модели муаллифии такмили

сиёсати шуғл дар шароити трансформатсияи рақамӣ пешниҳод мегардад (расми 8).

Модели консептуалии пешниҳодшудаи такмили сиёсати шуғл (расми 8) дорои нуқтаи вуруд мебошад, ки дар он мушкилоти асосии хоси бозори меҳнати муосир мутамарказ шудаанд:

- ҷамъшавии сармояи инсонӣ дар бахши кишоварзии иқтисоди миллӣ;
- фосилаи рақамӣ дар малакаҳо;
- мавҷуд набудани муҳити институтсионалӣ.

Такмили сиёсати шуғл ҳамчун ҳадаф тавассути шаклгирии бозори меҳнати фарогири устувор баромад мекунад, ки истифодаи самараноки сармояи меҳнатӣ ва тақсимоти самараноки рақамикунониро таъмин намуда, ба ҳадафҳои стратегии Тоҷикистон мувофиқат мекунад.

Дар қисми марказӣ иқтидори мавҷуда (инсонӣ ва рақамӣ) нишон дода шудааст, ки бояд бо ёрии амалӣ намудани сиёсати фаъоли давлатии шуғл тавассути филтри институтсионалӣ (блоки поёнии чап) самаранок истифода бурда шавад.

Дар нуқтаи баромад мо инҳоро ба даст меорем:

- низоми мутавозини шуғл дар шароити рақамикунонӣ;
- коҳиши бекории сохторӣ;
- баланд бардоштани сифати сармояи меҳнатӣ;
- кам кардани фосилаи рақамӣ;
- қонуният ва устувории муносибатҳои рақамӣ.

Ҳамин тариқ, истифодаи механизмҳои дар модел пешниҳодшуда барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити трансформатсияи рақамӣ мусоидат хоҳад кард.



**Расми 8. - Модели консептуалии такмили сиёсати шуғл**
Таҳияи муаллиф

**Муқаррароти ҳаштуме, ки ба ҳимоя пешниҳод мегардад, таҳқиқи аҳаммияти саводнокии рақамиро ҳамчун омили асосии рушди шаклҳои инноватсионии шуғл ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.**

Дар шароити технологияҳои рақамӣ ин воқеият муҳим мегардад, ки ҳар як кишвар барои амалӣ намудани ҳадафҳои стратегӣ, рушди иқтисодӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад.

Дар ин робита, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ «бо мақсади тавсеаи равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи маҷмуии имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт пешниҳод намуданд, ки солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд» [22].

Дар баробари ин, бояд таъкид кард, ки дар воқеияти имрӯза шаклҳои инноватсионии шуғл, ки бо технологияҳои рақамӣ зич алоқамандchampionинанд, ҷузъи ҷудонопазири рушди иқтисоди рақамӣ ба ҳисоб мераванд.

Дар шароити рақамикунонӣ ба низоми иҷтимоию иқтисодӣ ҷузъҳое ба монанди технологияҳои иттилоотӣ ворид шуда, барои ҳамаи субъектҳои бозори меҳнат чолишҳо ва шароитҳои нав эҷод мекунанд. Рақамикунонии низоми иқтисодӣ равандест, ки боиси тағйирёбии модели мавҷудаи бозори меҳнат мегардад ва он дар навбати худ, ба ин ё он тарз бозингарӣ, «азнавсозӣ» ва инчунин, такмили механизми танзими бозори меҳнатро талаб мекунад. Дар ин шароит шаклҳои нави фаъолияти меҳнатии шаҳрвандон, ки бо технологияҳо ва платформаҳои рақамӣ зич алоқаманданд, пайдо шуда, босуръат рушд ва оммавӣ мегарданд. Инчунин, тамоюлҳои марбут ба шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, ки дар натиҷаи рақамикунонии равандҳои иқтисодӣ дар миқёси ҷаҳонӣ ба вуҷуд омадаанд, густариш меёбанд. Ин зарурати такмили механизми танзими бозори меҳнат ва эҷоди модели нави онро, ки ба ин шароит мувофиқ аст, тақозо мекунад.

Дар ин замина, дар қатори дигар кишварҳо, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Консепсияи иқтисоди рақамӣ» қабул карда шудааст, ки бо қарори №642 аз 30.12.2019 тасдиқ гардидааст. Ин ҳуҷҷат маҳз ба рушди рақамикунонии иқтисодиёт ва низоми иқтисодӣ нигаронида шудааст, ки ин бори дигар муҳиммияти масъалаи таҳқиқшавандаро исбот мекунад. Дар банди дуюми ин ҳуҷҷат ба омодасозии кадрҳо ва ҳайати роҳбарикунанда барои пешбурди лоиҳаҳои рақамӣ, ки дорои малакаҳои кор бо платформаҳои рақамӣ мебошанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Технологияҳои рақамӣ ва ҷорисозии онҳо ба иқтисодиёт ба бозори меҳнат таъсири назаррас расонида, аз субъектҳои он дониш ва малакаҳои

муайянро талаб мекунанд. Дар шароити муосир аз сатҳи дониш ва малакаи иштирокчиёни бозори меҳнат дар кадом сатҳ рушд кардани иқтисодиёт дар маҷмуъ ва бозори меҳнат вобаста аст.

Тавре ки дар боло таъкид гардид, рақамикунонӣ шаклҳои нави фаъолияти меҳнатиро ба вуҷуд меорад, ки онҳо мустақиман аз сатҳи дониш ва малакаҳои технологияҳои рақамӣ вобастаанд.

Гузариш ба сиёсати фаъоли шуғл бе ташаккули самараноки кадрҳо ғайриимкон аст. Бар ин асос, мо чунин меҳисобем, ки дар шароити трансформатсия, саводнокии рақамӣ омили муайянкунандаи асосие мебошад, ки аз он рушди шаклҳои инноватсионии шуғл вобастагӣ дорад.

Ҳамин тариқ, нақши саводнокии рақамӣ дар ташаккул ва рушди шаклҳои инноватсионии шуғл ҷойи марказиро ишғол мекунад.
Дар шароити муосир чунин шакли фаъолияти меҳнатӣ, ба монанди «фриланс» (freelance) густариш меёбад. Аҳаммияти иқтисодии ин шакли шуғл дар кишварҳои пешрафта хеле баланд буда, фоиданокии он дар сатҳи давлатӣ арзёбӣ мегардад.

Дар ин робита, аз ҷониби мо гурӯҳи омилҳое, ки ба рушди бозори меҳнати миллӣ тавассути призмаи саводнокии рақамӣ таъсир мерасонанд, ҷамъбаст ва низомбандӣ карда шуданд (ҷадвали 11).

**Ҷадвали 11. – Омилҳои рушди шаклҳои инноватсионии шуғл ва бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| **Гурӯҳи омилҳо** | **Нақши саводнокии рақамӣ** | **Таъсири чашмдошт дар иқтисоди миллӣ** |
|---|---|---|
| **Маориф** | Ташаккули салоҳиятҳои рақамӣ | Бартараф намудани домҳои институтсионалӣ дар соҳаи маориф |
| **Иҷтимоию меҳнатӣ** | Қобилияти гузариш аз шаклҳои суннатӣ ба шаклҳои платформавии шуғл | Коҳиши муҳоҷирати меҳнатӣ аз ҳисоби кори фосилавӣ |
| **Иқтисодӣ** | Омодагӣ ба истифодаи воситаҳои молиявии платформаҳои рақамӣ | Трансформатсияи шуғли пинҳонӣ, баланд бардоштани даромади худшуғлон |
| **Ҳуқуқӣ** | Қобилияти истифодаи платформаҳои рақамии давлатӣ | Қонунигардонии фрилансерҳо, тавсеаи заминаи андозбандӣ |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф

Бозори хизматрасониҳои фриланс ҳамчун шакли мустақили фаъолият тамоюли рушд дошта, яке аз сегментҳои муҳимми бозори меҳнат дар миқёси ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин шакли фаъолият дорои иқтидори дарозмуддат буда, ҷомеаи ҷаҳониро дар бораи мавҷудияти мутахассисон дар кишварҳои мухталиф огоҳ месозад ва боиси афзоиши рақобат дар байни иҷрокунандагон мегардад.

Таҳқиқоти институти «Upwork», ки ба омӯзиши фрилансерҳои ИМА машғул аст, нақши афзояндаи фриланс ва аҳаммияти онро дар ташаккул ва рушди иқтисодиёт ошкор намуд (ҷад. 12).

**Ҷадвали 12. - Аҳаммияти фриланс дар иқтисодиёти ИМА**

| **Фриланс-шуғлон** | **Дар % дар бозори меҳнат (с. 2023)** | **Афзоиш нисбат ба соли гузашта** | **Даромади тақрибии солона** |
|---|---|---|---|
| 64 млн нафар | 38 | 4 млн нафар | 1,27 трлн долл. |

**Манбаъ**: аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти [10] таҳия шудааст.

Ҳамин тариқ, дар ИМА 64 млн нафар бо фриланс машғуланд, ки ин нисбат ба шумораи умумии аҳолии мо зиёда аз 4 маротиба зиёд аст ва даромад ба иқтисодиёти ин кишвар аз сатҳи умумии ММД-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ба куллӣ бештар мебошад. Чунин натиҷаҳо нишон медиҳанд, ки саводнокии рақамии аҳолии ИМА то чӣ андоза баланд аст ва фриланс барои иқтисодиёт чӣ гуна самти муҳим ба ҳисоб меравад.

Ба фикри муаллиф, як қатор мушкилот мавҷуданд, ки ҳалли онҳо метавонад ба рушди ин самт мусоидат кунанд.



**Расми 9. – Алгоритми амалҳо барои рушди омодагӣ ва саводнокии рақамии аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ дар шароити шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ**

Таҳияи муаллиф

**Аввалан**, агар ба омор таваҷҷуҳ кунем, мушоҳида мешавад, ки оид ба фриланс ҳисоботи дақиқи оморӣ бурда намешавад, ки тавонад ҳолати воқеии ин масъаларо бо нишон додани динамика, равандҳо ва дигар ҷузъҳои ин фаъолияти меҳнатӣ равшан инъикос намояд.

**Дувум**, саводнокии рақамӣ ва омодагии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар ин ҷо зарур аст, ки ба ҳамаи ҷузъҳои ин замина таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Манзур инҳоянд: суръати шабакаи интернети ҳамаи операторҳо, дастрасии воқеӣ ва иқтисодии он, дониш ва малакаи аҳолӣ оид ба технологияҳои компютерӣ ва ғайра.

Ҳамин тариқ, аз рӯи натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи модели муайян барои рушди самараноки иқтисоди рақамӣ мақсаднок мебошад. Ин модел ҳамкории Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолиро бо дигар идораҳо ва зерсохторҳои онҳо инъикос мекунад (расми 9).

- **Марҳилаи аввал:** гузаронидани мониторинги умумии аҳолӣ ҷиҳати муайян кардани сатҳи дониш ва малакаҳои технологияҳои рақамӣ (истифодаи компютерҳо, ноутбукҳо, планшетҳо, смартфонҳо ва ғайра) пешбинӣ мешавад. Аммо на ба маънои истифодаи онҳо барои дилхушӣ (тамошои видео, акс, истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва ғайра), балки то чӣ андоза аҳолӣ дорои малакаи истифодаи ин технологияҳо аз нуқтаи назари фоиданокии онҳо мебошад.
- **Марҳилаи дуюм:** тақсими аҳолӣ ба гурӯҳҳо дар асоси сатҳи саводнокии рақамии онҳо бо ёрии меъёрҳои муайян. Ҳадафи асосии арзёбии натиҷаҳои мониторинг аз муайян кардани аудиторияи мақсаднок иборат аст, ки бо онҳо бояд корҳои минбаъда бурда шаванд.
- **Марҳилаи сеюм:** бо гурӯҳи дорои малака ва қобилияти кофии истифодаи технологияҳои рақамӣ машғулиятҳои муайян барои омӯзиши фриланс ва амалисозии ин шакли шуғл гузаронида мешавад. Бо гурӯҳе, ки саводнокии рақамии мувофиқ надоранд, бояд чорабиниҳо ҷиҳати баланд бардоштани ин донишҳо амалӣ карда шаванд.
- **Марҳилаи чорум:** дар ин марҳила чорабиниҳо оид ба таҳия ва амалӣ намудани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқию танзимкунанда ва қоидаҳое, ки ҳимояи ҳам корфармоён ва ҳам фрилансерҳоро дар назар доранд, тарҳрезӣ мешаванд.

Минбаъд дар ин модел зерсохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва ташкилотҳои таълимӣ нишон дода шудаанд, ки онҳо дар навбати худ дорои чандин вазифа мебошанд. Ҳалли ин вазифаҳо боиси самаранокии татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саводнокии рақамии аҳолӣ дар шароити шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ, аз ҷумла фриланс, мегардад.

**Вазифаҳо**

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳамаи сатҳҳо:**

1. Пешниҳоди иттилоот дар бораи мавҷудияти ҷойҳои кории холӣ барои фриланс – ворид намудани блоки «Кор барои фрилансер» дар сомонаи расмӣ. Чунин блоки иттилоотӣ метавонад ба осон шудани ҷустуҷӯи кор

барои шаҳрвандоне, ки дорои малакаҳои дар шакли фриланс истифодашаванда мебошанд, мусоидат кунад;

2. Гузаронидани чорабиниҳо барои огоҳ намудани корфармоён дар бораи имкониятҳои кироян фрилансерҳо;
3. Муайян намудани сатҳи саводнокии рақамӣ ва ташкили курсҳову тренингҳо барои ҳамаи категорияҳои синнусолӣ, ҳам дар байни занон ва ҳам мардон.

**Хадамоти назорат дар соҳаи меҳнат, шуғл ва муҳоҷират:**

1. Таҳияи қоидаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки равандҳои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии фрилансерҳо ва корфармоёни онҳоро танзим мекунанд;
2. Инъикоси қоидаҳои мувофиқ дар сомонаи расмӣ (таъмини дастрасии иттилоот).

**Муассисаҳои таълимӣ:**

1. Таҳияи барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ аз рӯйи самтҳое, ба монанди «Саводнокии рақамӣ», «Фриланс» ва ғайра; зиёда аз ин, барои кӯдакони томактабӣ ва хонандагони синфҳои ибтидоӣ нашр намудани китобҳои дарсии тасвирӣ аз рӯйи самтҳои зикршуда;
2. Ворид намудани ихтисосҳои «Саводнокии рақамӣ», «Фриланс» ва ғайра ба барномаҳои таълимӣ.

**Институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ:**

1. Таҳқиқи самтҳои дар боло зикршуда ва татбиқи фаъоли онҳо дар илми миллӣ;
2. Иштироки фаъол дар таҳияи стратегияю барномаҳои давлатӣ оид ба ин самтҳо.

Дар модели пешниҳодшуда ба монанди дигар моделҳои иқтисодӣ, ҳадафи ниҳоӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути баланд бардоштани самаранокии фаъолияти бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ мебошад. Барои ноил шудан ба вазифаҳои дар ин модел гузошташуда истифодаи ҳамаи фишангҳои давлатии таъсиррасонӣ ба танзими бозори меҳнат, аз ҷумла усулҳо ва воситаҳои қонунгузорӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, молиявӣ, иттилоотӣ ва ғайраро зарур мешуморем.

Дар баробари ин, дар шароити шаклҳои нави шуғл ва таъсири онҳо ба фаъолияти самараноки бозори меҳнат, ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои соҳиб шудан ба саводнокии рақамӣ, малака ва донишҳои марбут ба истифодаи судманди технологияҳои рақамӣ дар ҳаҷм ва сифати зарурӣ муҳим аст. Ҳар гуна тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ бо пайдоиши шаклҳои нави шуғл ва муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ҳамроҳӣ мекунанд. Масалан, саноатикунонӣ боиси пайдоиши шароитҳои нави рушди иқтисодӣ ва шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ гардид ва аҳолии ин ё он кишвар ба шаклҳои инноватсионии шуғл (мувофиқи меъёрҳои он замон) машғул шуданд, ки ин боиси рушди соҳаҳои нави иқтисодии шуғл гардид.

Дар шароити муосир рақамикунонӣ бо пайдоиши шаклҳои нави шуғл, ки бо технологияҳои рақамӣ алоқамананданд, ҳамроҳ мешавад. Бояд гуфт, ки

ба бозори меҳнати муосир чунин меъёрҳо хосанд: чандирӣ, дониш ва малакаҳои технологияҳои компютерӣ (компютерҳо, ноутбукҳо, планшетҳо, смартфонҳо, таъминоти барномавӣ ва ғайра). Дар ин шароит намояндагони ҷавонони муосир ба ин технологияҳо ба ин ё он тарз таваҷҷуҳ доранд ва вақти бештари худро бо истифода аз ин гаҷетҳо мегузаронанд, аммо дар ин ҷо масъалаи судмандии истифодаи ин технологияҳо ба миён меояд. Далели маълум он аст, ки ҷавонони муосир вақти худро «дар смартфонҳо» барои тамошои ҳар гуна видеоҳои дилхушкунанда, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар порталҳои фароғатӣ ва хизматрасониҳои интернетӣ сарф мекунанд.

Хароҷот барои шабакаҳои интернет ба таври назаррас баланд буда, қисми асосии аҳолӣ интернетро барои дилхушӣ истифода мебаранд, ки қисмати бештарашонро ҷавонон ташкил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, масъалаи огоҳ намудани аҳолӣ дар бораи мавҷудияти ҳамаи имкониятҳои истифодаи шабакаи интернет аз нуқтаи назари фоиданокӣ, баланд бардоштани саводнокии рақамӣ ва тадриҷан ҷалб намудани аҳолӣ ба шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ хеле вусъат меёбад.

Дар шароити муосир рушди шаклҳои нави шуғл дар заминаи рушд ва ҷорисозии технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва фаъолияти инсон хеле муҳим маҳсуб меёбад. Дар ин робита, набудани коркардҳои илмию методӣ ва барномаҳо, инчунин, бознигарии ноил шудан ба фаъолияти самараноки бозори меҳнат дар ин шароит эҳсос мегардад. Илова бар ин, мо чунин меҳисобем, ки нокифоя будани огоҳии аҳолӣ дар бораи истифодаи самараноки шабакаи интернет, гаҷетҳои муосир ва технологияҳои компютерӣ мавҷуд аст.

Ба ақидаи мо, модели пешниҳодшуда ва методикаи рушди шаклҳои нави шуғл дар он метавонад ба афзоиши фаъолияти самараноки бозори меҳнат дар шароити рақамикунонии глобалӣ мусоидат кунад. Истифодаи модели пешниҳодшуда ва равишҳои дар он овардашудаи танзими бозори меҳнат дар шароити шаклҳои нави шуғл метавонанд ба афзоиши фаъолияти самараноки бозори меҳнат таъсири назаррас расонанд. Модели пешниҳодшуда метавонад ба баланд бардоштани сифати расонидани иттилооти зарурӣ ба аҳолӣ дар заминаи саводнокии рақамӣ ва фаъолияти фриланс мусоидат намуда, сатҳ ва фаврияти равандҳои қабули қарорҳоро дар доираи мусоидат ба шуғли аҳолӣ баланд бардорад.

Далели маълум аст, ки дар давраи пандемияи COVID-19 дар миқёси ҷаҳон ноустувории иқтисодӣ ба амал омад ва ин вазъият бори дигар исбот кард, ки бозсозии фаврии равандҳои иқтисодӣ боиси натиҷаҳои мусбат мегардад. Дар ин ҳолат, фаъолияти бозори меҳнат дар шароити шаклҳои нави шуғл ҳамчун устуворкунандаи иқтисодиёт баромад карда, омилҳоеро, ки ба фаъолияти самараноки бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонанд, ба ҳадди ақал расонд. Аз ҷониби дигар, пандемия барои рушди шаклҳои нави шуғл, ки аҳолии бисёр кишварҳои пешрафта ба он машғуланд, як навъ «такон» бахшид. Тавре аён гардид, кишварҳое, ки аҳолиашон бештар омода буданд, на танҳо тавонистанд ин чолишҳоро қабул кунанд, балки ба зинаи комилан

нави бозори меҳнат баромада, самти нави рушди иқтисодиро муайян намуданд.

Яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати давлатӣ таъмини шаҳрвандони бекор бо ҷойҳои корӣ мебошад. Қайд кардан муҳим аст, ки сиёсати шуғл барои ҳалли мушкилоте нигаронида шудааст, ки дар натиҷаи номутаносибии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар раванди фаъолият ва танзими бозори меҳнат ба вуҷуд меоянд.

Мушкилот дар соҳаи шуғл, ки ба вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ таъсири манфӣ мерасонанд, дар ҳаёти шаҳрвандон нақши муҳим мебозанд. Аз ҳалли мушкилоти марбут ба шуғл имрӯз вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва самаранокии фаъолияти бозори меҳнат вобаста аст. Шуғл ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ имкон медиҳад, ки дар бораи рушди иқтисодии кишвар ва некуаҳволии шаҳрвандон, инчунин, дар бораи самаранокии стратегияву барномаҳои таҳияшудаи марбут ба рушди бозори меҳнат хулоса бароварда шавад. Дар ин замина, мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҳангоми муайян кардани самти сиёсати шуғл нақши муҳим мебозад.

Масъалаи дигар тамоюлҳои ҳаракатнокии меҳнат дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт мебошад. Тавре таҳлилҳои бозори меҳнат нишон медиҳанд, дар шароити муосир рушди минбаъдаи қисми қобили меҳнати аҳолӣ аз ҳаракатнокии меҳнат вобаста аст. Имрӯз бозори меҳнат наметавонад ҳамаи хоҳишмандонро бо ҷойи кори дорои музди меҳнати арзанда пурра таъмин намояд ва рушди минбаъдаи бозори меҳнат аз он вобаста хоҳад буд, ки вазъияти марбут ба омодасозии кадрҳо ва ихтисоси онҳо чӣ гуна сурат мегирад. Дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл, муоширатпазирӣ (коммуникабелӣ) ва қобилияти мутобиқшавии қувваи корӣ ба ин шароит барои қисми аҳолии қобили меҳнат нақши муҳим мебозад.

Мушкилоти фаъолияти бозори меҳнат дар шароити муносибатҳои нави иҷтимоию меҳнатӣ ва шаклҳои шуғл на танҳо бо танзими нокифояи самараноки бозори меҳнат, балки бо тавсеаи омилҳои берунӣ, ки боиси номутаносибӣ дар бозори меҳнат мегарданд, алоқаманд аст. Рақобатпазирии кадрҳо дар бозори меҳнат ҳам аз механизми худтанзимкунии бозори меҳнат ва ҳам аз он вобаста аст, ки мутобиқшавии низоми муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба омилҳои дохилӣ ва берунии таъсиррасон ба бозори меҳнат то чӣ андоза самаранок ва саривақтӣ сурат мегирад.

Дар шароити шаклҳои нави шуғл, гузариш ба шакли нави рушди бозори меҳнат бе бартараф кардани дисфунксияҳои мавҷудаи танзими институтсионалии бозори меҳнат имконнопазир аст ва паси сар кардани вазъияти буҳронӣ аз он вобаста аст, ки танзими институтсионалии бозори меҳнат то чӣ андоза самаранок мебошад.

## ХУЛОСА

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба ин ё он тарз барои башаклгирии бозори меҳнат таъсир мерасонанд. Ин омилҳо аз сиёсати шуғл вокуниши фавриро талаб мекунад. Бинобар ин, дар чунин шароит омода будан ба ин гуна тағйирот ва истифодаи механизмҳои самараноки танзими бозори меҳнат ва соҳаи шуғл муҳим аст. Ҳолати муосир наметавонад ба талаботи аҳолӣ ҷавобгӯ бошад ва барои қонеъ кардани ин талабот такмили сиёсати танзими бозори меҳнат зарур аст. Бозори меҳнати шаклгирифта дорои баъзе зиддиятҳои марбут ба трансформатсияи рақамӣ мебошад, ки ин дар номутаносибии талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ инъикос меёбад [3-А, 7-А].
2. Бозори меҳнат ҳамчун ягона ҷойе, ки аҳолӣ имкони ба даст овардани воситаҳои зиндагиро дорад, бояд тавре фаъолият кунад, ки ҳамаи категорияҳои аҳолӣ: ҷавонон, занон, нафақахӯрон ва маъюбон дар қатори дигарон тавонанд худро бо кор таъмин кунанд. Дар шароити рақамикунонӣ ва шаклҳои нави шуғл занони кӯдакдор ва бекӯдак, нафақахӯрон ва шахсони дорои имкониятҳои ҷисмониашон маҳдуд, ки онҳо низ ба даромад ниёз доранд, осебпазир ҳисобида мешаванд. Аммо, бинобар шароитҳои бавуҷудомада, ин категорияҳои одамон аз ҷониби корфармоён то андозае нодида гирифта мешаванд. Фриланс ҳамчун шакли фаъолияте, ки дорои стандартҳои низоми корӣ, ҳузури ҳатмӣ дар ҷойи кор, хароҷоти роҳ ва ғайра нест, метавонад категорияҳои зикршударо бо ҷойҳои корӣ таъмин ва ба ин васила, ба коҳиши шумораи бекорон мусоидат намояд [8-А].
3. Дар бозори меҳнати миллӣ механизмҳои институтсионалӣ, ки нақши онҳо аз баланд бардоштани самаранокии танзими бозори меҳнат иборат аст, ба таври кофӣ ташаккул наёфтаанд. Дар ин робита, зарурати ба роҳ мондани механизми институтсионалии танзими бозори меҳнат ба миён меояд. Воқеият ва чолишҳои муосир, тағйироти инноватсионӣ ва пайдоиши омилҳои берунии ба бозори меҳнат таъсиррасон аз сиёсати шуғл вокуниши фаврӣ ва истифодаи самараноки қувваи кориро талаб мекунанд. Самаранокии нокифояи фаъолияти институтҳои бозори меҳнат барои зиндагии шоистаи аҳолӣ монеаҳо эҷод карда, рушди иқтидори меҳнатиро маҳдуд месозад ва ба истифодаи самараноки сармояи инсонӣ халал мерасонад [26-А, 13-А].
4. Дар раванди рушди бозори меҳнат, ки тахти таъсири технологияҳои рақамӣ сурат мегирад, ба низоми маориф талаботи нав пешниҳод мегардад, ки омодасозии мутахассисони ба ин талабот ҷавобгӯро дар назар дорад. Рақобатпазирии ин мутахассисон бояд ба сатҳи омодагӣ ва саводнокии рақамии онҳо асос ёбад. Дар шароити рақамикунонӣ ҳангоми кироян кормандон барои корфармо меъёрҳое, ба монанди дониш ва малакаи технологияҳои компютерӣ муҳимтар аст. Раванди рақамикунонӣ

иваз кардани намудҳои кӯҳнаи касбҳо ва ҷорисозии касбҳои навро пешбинӣ мекунад. Ҳамин тариқ, дар ояндаи наздик дар бозори меҳнат тағйироти куллӣ дар назар аст. Дар ин робита, зарурати ташкили механизми саривақтии танзимкунандаи бозори меҳнат дар ҳамкории зичи се ҷониб: давлат, корфармоён ва кормандон ба миён омадааст [16-А, 23-А].

5. Тамоюлҳои рушди иқтисоди ҷаҳонӣ шароитҳои наверо ба вуҷуд овარданд, ки ба онҳо мутобиқсозии фаъолияти бозори меҳнат зарур аст. Ин шароитҳо ба сохторҳои бозори меҳнати суннатӣ, ки танзими сахти муносибатҳои меҳнатии аз ҷониби корфармоён муқарраршударо дар назар дорад, мухолифат мекунанд. Дар ин робита, зарурати танзими ғайристандартии қувваи корӣ, яъне истифодаи усулҳои чандири идоракунии онҳо пайдо мешавад. Бозори меҳнати чандир (эластикӣ) тағйироти дар бозори меҳнат бавуҷудомадаро ба назар гирифта, барои мутобиқшавии он ба омилҳое, ки ба соҳаи шуғл таъсири манфӣ мерасонанд, мусоидат мекунад. Чунин бозори меҳнат ҳамчун институт сабук кардани шартҳои муносибатҳои меҳнатиро пешбинӣ намуда, ба корманд озодии бештар ва ба корфармоён имкони коҳиш додани хароҷоти истеҳсолиро медиҳад. Дар шароити муосир бозори меҳнати чандир яке аз самтҳои асосии рушди соҳаи шуғл ба ҳисоб меравад [11-А, 24-А].
6. Тағйироте, ки дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба амал омада, мустақиман ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд, дар бозори меҳнат инъикос ёфта, ба сатҳи шуғли аҳолӣ низ бетаъсир намемонанд. Ин ҳама боиси номутаносибии байни талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мегардад ва таҳияи тадбирҳои афзалиятнок ва пешгирикунандаро, ки ба устуворгардонии вазъияи бо сатҳи баланди бекорӣ тавсифшаванда равона шудаанд, мубрам мегардонад. Хусусан, ин дар бахши кишоварзӣ инъикос меёбад. Қисми асосии аҳолии қобили меҳнат маҳз дар ҳамин соҳа мутамарказ шудааст. Таҳлили ин соҳа нишон дод, ки таъмини амнияти озуқаворӣи аҳолӣ мустақиман аз заҳматкашони деҳот вобаста аст, аммо далели зиёдатии қувваи корӣ дар кишоварзӣ боиси он мегардад, ки аҳолии деҳот дар масъалаи музди меҳнат осебпазиртарин ба ҳисоб меравaнд [15-А].
7. Дар шароити рақамикунонӣ тамоюли босуръати рушди шаклҳои шуғл мушоҳида мегардад. Дар ин замина, бозори меҳнатро наметавон ҳамчун механизми мустақил ва худтанзимкунанда баррасӣ кард. Бинобар тағйироти вазъи иқтисодии ҷаҳонӣ, ки ба шаклгирӣ ва фаъолияти бозори меҳнат таъсир мерасонад, зарурати таҳияи механизми танзими он бо дарназардошти шароитҳои тағйирёбанда ба миён меояд. Ҳадафи ин механизм такмили институтҳои бозори меҳнат мебошад: низоми маориф, баланд бардоштани ихтисос, бозомӯзии кадрҳо, баланд бардоштани музди меҳнат, фаъолияти соҳибкорӣ, нақши иттифоқҳои касаба, фаъолнокии хадамоти шуғл ва ғайра [25-А].
8. Суръати афзоиши ҷойҳои кории таъсисёфта аз суръати афзоиши шумораи қисми аҳолии қобили меҳнат қафо ақиб мемонад. Он на ба таъмини шуғли

ҳадди аксар, балки ба нигоҳ доштани сатҳи мавҷудаи шуғл нигаронида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки дар солҳои охир фоизи бекорӣ нисбат ба шумораи умумии шуғл аз 2 то 2,5%-ро ташкил медиҳад. Дар ин робита, зарурати бознигарии сиёсати шуғл ва зиёд кардани суръати афзоиши ҷойҳои кории таъсисшаванда ба миён меояд. Дар шароити муосир истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ, ки омили асосии шаклдиҳандаи бозори меҳнат мебошанд, бояд аҳаммияти воқеӣ дошта бошад. Дар маҷмуъ, вазъият дар атрофи бозори меҳнат дар солҳои охир ба эътидол омада истодааст – ҷойҳои корӣ таъсис дода мешаванд, ба баланд бардоштани музди меҳнат таваҷҷуҳ зоҳир мегардад ва ғайра. Аммо, тавре амалия нишон медиҳад, чораҳои андешидашуда ба таври кофӣ самаранок нестанд. Вазифаҳои асосии давлат коҳиш додани бекорӣ ва камбизоатӣ, баланд бардоштани қобилияти харидории аҳолӣ, беҳтар кардани сифати зиндагии аҳолӣ ва дастрасии сабади истеъмолӣ мебошанд, ки нишондиҳандаҳои асосии рушди кишвар ба ҳисоб мераванд. Вазъи бавуҷудомада дар робита ба музди меҳнат боиси нотавонии ҳавасмандгардонии қувваи корӣ ба меҳнати босамар мегардад, ки дар натиҷа қувваи корӣ бидуни сатҳи лозимии ҳавасмандӣ таваҷҷуҳи худро ба бозори меҳнати миллӣ гум мекунад ва ин боиси муҳоҷирати маҷбурӣ мегардад [22-А].

**Тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада**

9. Алоқамандии стратегии низоми маориф, омодасозии кадрҳо ва таъмини шуғли аҳолӣ, ки дар раванди таҳқиқот ошкор гардид, масъалаи мутобиқсозии онро ба чолишҳои муосир мубрам мегардонад. Муайян карда шуд, ки дар шароити рақамикунонӣ низоми маорифи ватанӣ наметавонад ба ин чолишҳо пурра ҷавобгӯ бошад. Таҳқиқот нишон дод, ки ихтисосҳои мактабҳои олии кишвар асосан ба намудҳои суннатии касбҳо нигаронида шудаанд, дар ҳоле ки шароити муосир мутахассисони дорои технологияҳои баланд ва салоҳиятҳои рақамиро талаб мекунад. Дар ин робита, тавсия дода мешавад, ки ба барномаҳои таълимӣ намудҳои муосир ва баландихтисоси касбҳо ворид карда шаванд, ки на танҳо дар дохили кишвар, балки дар арсаи ҷаҳонӣ низ талабгори зиёд доранд.
10. Асоснок карда шуд, ки шуғли деҳот дар бозори умумии меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «демпфинг» (воситаи коҳишдиҳанда) баромад мекунад. Аҳолӣ бо сабаби набудани алтернатива, фаъолияти меҳнатиро дар бахши кишоварзии иқтисоди миллӣ анҷом медиҳад. Шуғли платформавӣ метавонад ҳамчун маҳз ҳамин алтернатива баромад кунад. Дар ин замина, тавсия дода мешавад, ки муҳити мусоиди институтсионалӣ ҷиҳати сабук кардани бори бахши кишоварзӣ тавассути фишангҳои андозӣ ташкил карда шавад. Патенти андозии деҳот барои гузариш ба шуғли рақамӣ метавонад ҳамчун омили ҳавасмандкунанда хизмат кунад [15-А].
11. Таснифоти пешниҳодшудаи бозори меҳнати муосир, ки аз ҷониби муаллиф дар заминаи ҷорисозии институтҳои шуғли платформавӣ мукаммал карда

шудааст (расми 4.2), ба рушди бозори меҳнати чандир мусоидат мекунад. Дар ин замина, захираҳои меҳнатии истифоданашуда метавонанд тавассути шуғли рақамӣ ба равандҳои бозори меҳнат ҷалб карда шаванд. Зиёда аз ин, шуғли рақамӣ метавонад занон ва ҷавононро ба ин равандҳо фаъолона ворид созад.

12. Фрилансро дар низоми институти худшуғлӣ бояд на танҳо ҳамчун шакли шуғл, балки чун институти алоҳида баррасӣ кард. Институтсионаликунонии фриланс, ки дорои хислатҳои соҳибкории рақамӣ мебошад, тавсия дода мешавад. Ин боиси қонунигардонии даромадҳои пинҳонии фрилансҳо ва мутаносибан тавсеаи заминаи андозбандии Ҷумҳурии Тоҷикистон мегардад, ки ба вазифаҳои стратегии барномаҳои давлатӣ мувофиқат мекунад [26-А].
13. Сиёсати шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти бозории самти иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ки ноил шудан ба он бидуни тақсимоти оқилона ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ ғайриимкон аст. Аммо, пешниҳоди аз ҳад зиёди сармояи меҳнатӣ мушкилоти асосии ин сиёсат аст. Модели консептуалии пешниҳодшудаи такмили сиёсати шуғл (банди 5.2) тавассути трансформатсияи институтҳо барои гузариш ба шуғли фарогир (инклюзивӣ) мусоидат мекунад, ки ин боиси низоми мутавозини шуғл ва баланд шудани сифати сармояи меҳнатӣ мегардад [18-А].
14. Саводнокии рақамӣ омили асосии рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити шаклҳои нави шуғл мебошад. Дар шароити технологияҳои рақамӣ ин воқеият муҳим мегардад, ки ҳар як кишвар барои амалисозии ҳадафҳои стратегӣ, рушди иқтисодӣ ва беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ ҷиҳати рушди иқтисоди рақамӣ кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Дар ин шароит ҷавонони муосир ба ин технологияҳо таваҷҷуҳ доранд ва вақти зиёдро бо гаҷетҳо мегузаронанд, аммо дар ин ҷо масъалаи судмандии истифодаи онҳо боқӣ мемонад. Дар баробари ин, ҳавасмандгардонии аҳолӣ барои соҳиб шудан ба саводнокии рақамӣ ва малакаҳои истифодаи судманди технологияҳо зарур аст. Низомбандии омилҳои рушди шаклҳои инноватсионии шуғл барои ошкор кардани аҳаммияти саводнокии рақамӣ кумак кард. Барои ноил шудан ба саводнокии рақамӣ, ки омили асосии трансформатсияи рақамии бозори меҳнат мебошад, истифодаи алгоритми пешниҳодшудаи амалҳо барои рушди омодагии рақамӣ ва саводнокии аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ тавсия дода мешавад [25-А].

Низомбандии омилҳои рушди шаклҳои инноватсионии шуғл имкон дод, ки аҳамияти саводнокии рақамӣ муайян карда шавад. Барои ноил шудан ба саводнокии рақамӣ, ки муайянкунандаи (детерминанти) асосии таҳвили рақамии бозори меҳнат маҳсуб меёбад, истифодаи алгоритми пешниҳодшудаи амалҳо барои рушди омодагии рақамӣ ва саводнокии аҳолӣ ва сохторҳои давлатӣ дар шароити шаклҳои нави фаъолияти меҳнатӣ тавсия дода мешавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1. РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Акселератор навыков. [Электронный ресурс]: https: //asiaplustj. info/ru/news /tajikistan/20221222/akselerator- navikov- ilmhona-rasskazal-o-progresse-birzhi-frilansa (дата обращения 20.08.2024)
2. Ашуров, С.Б. Балансовое соотношение между некоторыми индикаторами всех и части трудовых ресурсов / С.Б. Ашуров // Вестник университета. – Душанбе: Российско-Таджикский (славянский) университет, 2020. – № 2 (70). – С. 54-61.
3. Белова Е. В. /Уровень готовности Армении, Азербайджана, Казахстана, Кыргызстана, России и Таджикистана к цифровой трансформации (индекс сетевой готовности) [Электронный ресурс]. - URL: https: //ecfs. msu.ru/ Analitics /Индекс %20сетевой%20готовности.pdf (дата обращения: 11.12.2024)
4. Веблен, Т. Теория праздного класса/ Т. Веблен; пер. с англ. – М.: Прогресс, 1993. – 289 с.
5. Волгин Ю.Г. Экономика труда. Социально-трудовые отношения/ Абдурахманов К.Х. и др.; под общ. ред. Н.А. Волгина, Ю.Г. Одегова. – М.: Экзамен; Н. Новгород: Нижполиграф, 2006. – 735 с.
6. Волков, С.И. Экономический механизм достижения равновесия интересов на рынке труда: автореф. дис. … канд. экон. наук / С.И. Волков. – Тамбов : Изд-во ТГУ, 2000. – 28 с.
7. Гоибназарзода С.М. - Проблемы эффективного функционирования и регулирования рынка труда Республики Таджикистан в условиях трансформации: теория, методология и практика: дис. … докт. экон. наук: 08.00.10 / Гоибназарзода Саид Мухаммадназар / Душанбе 2023 г. с. 318
8. Грязнова А.Г. Экономическая теория национальной экономики и мирового хозяйства (политическая экономия): учебник для вузов / под ред. А.Г. Грязновой, Т.В. Чечелевой. – М. : Банки и биржи, Юнити, 1998. – 448 с.
9. Исмаилова, Л.Э. Факторы спроса и предложения на рынке труда, безработица и формы ее проявления / Л.Э. Исмаилова. – М. : Институт экономики РАН, 1993. – 256 с.
10. Исследование фриланса от Upwork [Электронный ресурс]: https://bairachnyi.medium.com/исследование-фриланса-от-upwork-за-2023-год-в-сша-4ca26f9ddd88 (дата обращения 10.12.2022)
11. Кашепов, А.В. Российский рынок труда: проблемы формирования и перспективы / А.В. Кашепов // Общество и экономика. – 1997. – №7. – С. 94–99.
12. Кодирзода Д.Б., Шамсов И. С. /Рынок труда и система подготовки кадров при переходе к цифровой экономике: теория, методология и механизм взаимосвязи. // Кодирзода Д.Б.,Шамсов И. С. Монография. Душанбе-2021. Стр.-220

13. Колесников, Н.Е. Социально-трудовые отношения: современные проблемы теории и практики / под ред. В.К. Потемкина. – СПб. : Дюрваль, 1993. – 256 с.
14. Комилов. С.Дж. Теоретические основы формирования и развития механизмов регулирования национального рынка труда.// С.Дж. Комилов. научная статья./ /Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. Душанбе- 2014. Стр.- 9-15
15. Котляр, А.Э. О понятии рынка труда/ А.Э. Котляр // Вопросы экономики. – 1999. – № 1. – С. 33-38.
16. Кошонова, М.Р. Детерминанты межстрановой трудовой миграции в современных условиях на примере Республики Таджикистан / М.Р. Кошонова // Вестник Таджикского государственного финансово-экономического университета. – 2020. – № 1 (21). – С. 27-32.
17. Маркс К. Капитал // Маркс К. «Теория прибавочной стоимости» – С. 112
18. Маслова, И.С. Становление системы формирования эффективной занятости в новых условиях/ И.С. Маслова. – М., 1991. – 179 с.
19. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 г. Душанбе- 2016 г. 88с.
20. Шлендер П.Э., Ю.П. Кокин, Экономика труда/ Ю.П. Кокин; под ред. Ю.П. Кокина,. – М.: Магистр, 2011. – 686 с.
21. Плакся, В.И. Безработица: теория и современная российская практика (социально-экономический аспект) / В.И. Плакся. – М. : РАГС, 2005. – 384 с
22. Послание Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» г. Душанбе 18.12.2025 г. http://president.tj/ru/node/32195 (дата обращения: 24.01.2024)
23. Рофе, А.И. Рынок труда/ А.И. Рофе. – М.: МИК, 2012. – 376 с.
24. Смит, Адам. Исследование о природе и причинах богатства народов/ Адам Смит. – М.: Директмедиа Паблишинг, 2008. – 655 с.
25. Статистический ежегодник Республики Таджикистан 2024 г. Стр. - 429
26. Стребков, Д.О. Фрилансеры на Российском рынке труда [Текст] / Д.О. Стребков, А.В. Шевчук // Социологические исследования. - 2010. - №2. - С. 44-55.
27. Токарский, Б.Л. Формирование рынка рабочей силы в крупных промышленных центрах: автореф. дис. … канд. экон. наук / Б.Л. Токарский. – СПб.: Изд-во СПбГУ, 1992. – 34 с.
28. Умаров, Х.У. Повышение уровня занятости как фактор ускорения динамики и эффективности национальной экономики /Х.У. Умаров// Проблемы трудовых отношений и социального развития Таджикистана: мат. Респ. науч.-практ. конференции. – Душанбе, 2008. – С. 16-23.

29. Усманова, Т.Д. Формирование и развитие рынка труда в переходной экономике Таджикистана монография: / Т.Д. Усманова. – Душанбе, 2005. – 184 с.
30. Фридмен, М. Если бы деньги заговорил и... / М. Фридмен. – М.: Дело, 1999. – 212 с.
31. Хушвахтзода, К. Х. Сущность рынка труда и особенности его классификации / К. Х. Хушвахтзода, С. М. Гоибназарзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2021. – № 1. – Стр.- 5

## 2. РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### А) Монографияҳо:

[1-А]. Турсунов, Р.Р. Влияние рынка труда на развитие аграрного сектора Республики Таджикистан [Текст]: монография / Р.Р. Турсунов. – Бохтар: Издательство ООО “Матбаа”, 2021 - 166 с.

[2-А]. Турсунов, Р.Р. Социально-экономические последствия безработицы и пути её сокращения в условиях рыночной экономики (на материалах Хатлонской области) [Текст]: монография / Р.Р. Турсунов, Р.М. Холов. - Бохтар: Издательство ООО “Матбаа”, 2023. - 145 с.

### Б) Интишорот дар маҷаллаҳо ва нашрияҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[3-А]. Турсунов, Р.Р. Современное состояние и политика стимулирования роста заработной платы в сельскохозяйственной отрасли Республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Турсунов, Н.И. Амиров, О.А. Бобохонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – № 1-3(47). – С. 286-289. – EDN YLCXJJ. ISSN 2663-5534.

[4-А]. Турсунов, Р.Р. Прогнозная динамика рынка труда в сельскохозяйственной отрасли Республики Таджикистан [Текст] / Г.Д. Жапаров, Р.Р. Турсунов // Известия ВУЗов Кыргызстана. – 2018. – № 7. – С. 48-56. – EDN XHELAS. ISSN 1694-7681.

[5-А]. Турсунов, Р.Р. Анализ современного состояния рынка труда и занятости населения в аграрном секторе Республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Турсунов, Г.Д. Жапаров, О.А. Бобохонов // Известия ВУЗов Кыргызстана. – 2018. – № 9. – С. 3-10. – EDN DSJQSX. ISSN 1694-7681.

[6-А]. Турсунов, Р.Р. Современное состояние рынка труда и прогнозная динамика заработной платы в Республике Таджикистан [Текст] / Р.Р. Турсунов, Г.Д. Жапаров // Экономика и управление: проблемы, решения. – 2019. – Т. 14. - № 3. – С. 147-152. – EDN LHHNDU. ISSN 2227-3891.

[7-А]. Турсунов, Р.Р. Роль промышленной инфраструктуры в урегулировании конъюнктуры рынка труда в Республике Таджикистан [Текст] / Р.Р. Турсунов

// Экономика и управление: проблемы, решения. – 2019. – Т. 2, № 4. – С. 31-34. – EDN NCTHQV. ISSN 2227-3891.
[8-А]. Турсунов, Р.Р. Роль подоходного налога с физических лиц и значимость введения прогрессивной шкалы налогообложения [Текст] / Р.Р. Турсунов, Н.М. Муминзода // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2020. – № S1-4-2(80). – С. 171-173. – EDN HPAHTV. ISSN 2663-5534.
[9-А]. Турсунов, Р.Р. Эффективность использования трудоспособной части населения в аграрном секторе [Текст] / Р.Р. Турсунов, О.А. Бобохонов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2019. – № 1-3(65). – С. 325-328. – EDN HZQVLI. ISSN 2663-5534.
[10-А]. Турсунов, Р.Р. Основные понятия труда, рынка труда и трудовых ресурсов как социально – экономической категории [Текст]/ Р.Р. Турсунов // Вестник Дангаринского государственного университета. – 2022. - №3 (21). - С. 211-220. ISSN 2410-4221.
[11-А]. Турсунов, Р.Р. Мировые тенденции рынка труда в условиях цифровой экономики [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 2. – С. 86-95. – EDN DMVGOG. ISSN 2413-5151.
[12-А]. Турсунов, Р.Р. Рынок труда в условиях рыночных отношений. Понятийный аппарат [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 6. – С. 164-172. – EDN AHAJAA. ISSN 2413-5151.
[13-А]. Турсунов, Р.Р. Рынок труда: структура и функции в условиях цифровизации, фриланс [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2023. – № 1-2(110). – С. 276-281. – EDN SSJIRA. ISSN 2663-5534.
[14-А]. Турсунов, Р.Р. Цифровизация экономики и методы регулирования рынка труда. Опыт развитых стран [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 7. – С. 42-48. – EDN IYQFLR. ISSN 2413-5151.
[15-А]. Турсунов, Р.Р. Некоторые аспекты рынка труда [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 8. – С. 50-56. – EDN JWKKRH. ISSN 2413-5151.
[16-А]. Турсунов, Р.Р. Формирование гибкого рынка труда: проблемы и перспективы [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 10-1. – С. 30-37. – EDN ZGSEUF. ISSN 2413-5151.

[17-А]. Турсунов, Р.Р. Заработная плата как мотивация к труду [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2023. – № 11. – С. 197-207. – EDN YLPASG. ISSN 2413-5151.
[18-А]. Турсунов, Р.Р. Основные направления совершенствования политики занятости [Текст] / Т.Д. Усмонова, Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 1. – С. 19-26. – EDN FUEWGK. ISSN 2413-5151.
[19-А]. Турсунов, Р.Р. Основные принципы регулирования рынка труда в современных условиях [Текст] / Т.Д. Усмонова, Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 2. – С. 49-55. – EDN CRDOHC. ISSN 2413-5151.
[20-А]. Турсунов, Р.Р. Система образования и подготовка кадров как фактор обеспечени занятости населения [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 4. – С. 168-174. ISSN 2413-5151.
[21-А]. Турсунов, Р.Р. Некоторые аспекты современного состояния рынка труда республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 3. – С. 68-77. – EDN DIHBOB. ISSN 2413-5151.
[22-А]. Турсунов, Р.Р. Тенденции мобильности труда в условиях глобализации экономики [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 5. – С. 154-165. – EDN NOBSSA. ISSN 2413-5151.
[23-А]. Турсунов, Р.Р. Фриланс как новый вид трудовых отношений института самозанятости [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 6-1. – С. 48-54. – EDN CCHPER. ISSN 2413-5151.
[24-А]. Турсунов, Р.Р. Фриланс как форма занятости в условиях цифровизации: проблемы и перспективы [Текст] / Р.Р. Турсунов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2024. – № 3. – С. 31-38. – EDN RPGBAY. ISSN 2413-5151.
[25-А]. Рустамзода, Р.Р. Цифровая грамотность как основной фактор развития инновационных форм занятости и рынка труда Республики Таджикистан [Текст] / Р.Р. Рустамзода, У.С. Асрорзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 1. – С. 31-42. – EDN BKRVCM. ISSN 2413-5151.

[26-А]. Рустамзода, Р.Р. Институциональные аспекты регулирования рынка труда [Текст] / Р.Р. Рустамзода, У. С. Асрорзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2025. – № 2. – С. 39-49. – EDN QOKJCJ. ISSN 2413-5151.

**В) Мақолаҳо дар дигар нашрияҳо:**

[27-А]. Турсунов, Р.Р. Особенности формирования и функционирования аграрного рынка труда [Текст] / Р.Р. Турсунов // Инженерные исследования, инновации и инвестиции в области энергетики и промышленности: материалы международной научно-практической конференции. Институт энергетики Таджикистана. - Кушониён, 2023. - С. 307-312.

[28-А]. Турсунов, Р.Р. Некоторые аспекты рынка труда и заработная плата как основной фактор его регулирования в условиях рыночной экономики [Текст] / Р.Р. Турсунов // Пути совершенствования механизмов управления инновационной деятельности сферы туризма Хатлонской области: материалы республиканской научно-практической конференции. - Левакант, 2023. - С. 31-37.

[29-А]. Турсунов, Р.Р. Рынок труда и воспроизводство рабочей силы в трудоизбыточном регионе [Текст] / Р.Р. Турсунов // Пути совершенствования механизмов управления инновационной деятельности сферы туризма Хатлонской области: материалы республиканской научно-практической конференции. - Левакант, 2023. - С. 94-98.

[30-А]. Турсунов, Р.Р. Особенности регулирования рынка труда в условиях появления новых видов трудовой деятельности [Текст] / Р.Р. Турсунов // Энергетика - ключевое направление развития национальной экономики: материалы Международной научно-практической конференции, посвященный профессиональному празднику энергетиков «День энергетики – 22 декабря» и объявление 2020-2040 годы «Двадцатилетие изучения и развития естественных, точных и математических дисциплин в области науки и образования». - Кушониён, 2023. – С.467-472.

[31-А]. Турсунов, Р.Р. Взгляд отечественных исследователей на труд и рынок труда [Текст] / Р.Р. Турсунов // Механизм финансового управления в сфере туризма Республики Таджикистан: материалы республиканской научно-теоретической конференции (Бохтар, 26-27 апреля 2024 года). – Бохтар, 2024. - С. 65-68.

## АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Рустамзоды Расула Рустама на тему «Трансформация рынка труда и форм занятости в условиях цифровизации экономики Республики Таджикистан (теория, методология, практика)» на соискание учёной степени доктора экономических наук по специальности 5.2.1 – Экономическая теория (5.2.2. – Макроэкономика)**

В диссертационной работе отмечается, что эффективное функционирование рынка труда и рациональное использование трудовых ресурсов в условиях развивающихся рыночных отношений являются основополагающим условием экономического роста.

В первой главе автор использовал концептуальный поход исследования рынка труда. В ходе исследования он приводит взгляды классичесих ученых экономистов по поводу функционирования рынка труда.

Во второй главе исследуется современное состояние рынка труда Республики Таджикистан. Ключевые аспекты, которые исследовал автор в данной главе заключаются в демографической и экономической составляющей рынка труда, в воздействии сферы образования на рынок труда и в особености функционирования сельского рынка труда.

В третьей главе исследовано развитие трудовых отношений в условиях цифровизации. В данной главе рассматриваются такие аспекты, как мировые тенденции рынка труда в условиях цифровой экономики, влияние цифровой экономики на состояние рынка труда и гибкий рынок труда и факторы его формирования в современных условиях.

В четвертой главе исследована цифровизация экономики как условие появления новых форм занятости. Здесь исследуются тенденции развития форм занятости в условиях цифровизации экономики, дается научая трактовка категории фриланс, а также место фриланса в институте самозанятости.

В пятой главе представлено совершенствование механизма регулирования рынка труда, которое определяется основными направлениями совершенствования политики занятости, приоритетными направлениями регулирования рынка труда в условиях новых форм занятости, а также обосновывается цифровая грамотность как основной фактор развития трудовых отношений и новых форм занятости и подчеркивает, что для своевременной адаптации национального рынка труда необходимо повышение уровень цифровой грамотности населения.

В конце автор, на основе своего диссертационного исследования приводит выводы и предложения, которые отражают все аспекты, рассмотренные им в своем исследовании.

**Ключевые слова:** труд, рынок труда, занятость, человеческий капитал, новые формы занятости, фриланс, цифровая грамотность, самозанятость, эффективное использование трудоспособной части населения, платформенная занятость, институт.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати рисолаи Рустамзода Расул Рустам дар мавзуи «Трансформатсияи бозори меҳнат ва шаклҳои шуғли аҳолӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон (назария, методология, амалия)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.1 – Назарияи иқтисодӣ (5.2.2 – Макроиқтисод)

Дар диссертатсия қайд карда шудааст, ки фаъолияти самарабахши бозори меҳнат ва истифодаи оқилонаи захираҳои меҳнатӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ шарти асосии рушди иқтисодӣ мебошанд.

Дар боби якум муаллиф равиши консептуалии таҳқиқи бозори меҳнатро истифода бурдааст. Дар ҷараёни таҳқиқот ӯ андешаҳои олимони классики иқтисодро дар бораи фаъолияти бозори меҳнат меорад.

Дар боби дуюм ҳолати муосири бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ карда мешавад. Ҷанбаҳои асосие, ки муаллиф дар ин боб таҳқиқ кардааст, аз таркиби демографӣ ва иқтисодии бозори меҳнат, таъсири соҳаи маориф ба бозори меҳнат ва хусусиятҳои фаъолияти бозори меҳнати деҳот иборатанд.

Дар боби сеюм рушди муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити рақамикунонӣ таҳқиқ карда шудааст. Дар ин боб ҷанбаҳое, ба монанди тамоюлҳои ҷаҳонии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти рақамӣ, таъсири иқтисодиёти рақамӣ ба ҳолати бозори меҳнат ва бозори меҳнати чандир ва омилҳои ташаккули он дар шароити муосир баррасӣ гардидаанд.

Дар боби чорум рақамикунонии иқтисодиёт ҳамчун шарти пайдоиши шаклҳои нави шуғл таҳқиқ карда шудааст. Дар ин ҷо тамоюлҳои рушди шаклҳои шуғл дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт таҳқиқ гардидааст, тафсири илмии категорияи фриланс дода шудааст, инчунин мақоми фриланс дар институти шуғли хусусӣ (худмашғулӣ) муайян карда шудааст.

Дар боби панҷум такмили механизми танзими бозори меҳнат пешниҳод шудааст, ки бо самтҳои асосии такмили сиёсати шуғл, самтҳои афзалиятноки танзими бозори меҳнат дар шароити шаклҳои нави шуғл муайян карда мешавад, инчунин, саводнокии рақамӣ ҳамчун омили асосии рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва шаклҳои нави шуғл асоснок карда шуда, таъкид мегардад, ки барои мутобиқшавии саривақтии бозори меҳнати миллӣ баланд бардоштани сатҳи саводнокии рақамии аҳолӣ зарур аст.

Дар охир муаллиф дар асоси таҳқиқоти диссертатсионии худ хулосаҳо ва таклифҳоеро меорад, ки ҳамаи ҷанбаҳои аз ҷониби ӯ дар таҳқиқоташ баррасишударо инъикос кардааст.

**Калидвожаҳо**: меҳнат, бозори меҳнат, шуғл, сармояи инсонӣ, шаклҳои нави шуғл, фриланс, маърифатнокии рақамӣ, худмашғулият, истифодаи самарабахши қисми қобилияти меҳнатии аҳолӣ, кори фосилавӣ, шуғли платформавӣ, ниҳодҳо.

## ANNOTATION

**review of the dissertation abstract by Rustamzoda Rasul Rustam on the topic: «Transformation of the Labor Market and Forms of Employment in the Context of Digitalization of the Economy of the Republic of Tajikistan (Theory, Methodology, Practice)», submitted for the degree of Doctor of Economic Sciences in the specialty: 5.2.1. – Economic Theory (5.2.2. – Macroeconomics)**

The dissertation notes that the effective functioning of the labor market and the rational use of labor resources in the context of developing market relations are fundamental to economic growth.

In the context of digitalization, the labor market is undergoing transformation, and without proper preparation for these changes, it is impossible to achieve the set goals for economic development and employment growth.

In the first chapter, the author used a conceptual approach to labor market research. Throughout the study, he cites the views of classical economists on the functioning of the labor market.

The second chapter examines the current state of the labor market in the Republic of Tajikistan. Key aspects explored by the author in this chapter include the demographic and economic components of the labor market, the impact of education on the labor market, and the specific functioning of the rural labor market.

The third chapter examines the development of labor relations in the context of digitalization. This chapter examines aspects such as global labor market trends in the digital economy, the impact of the digital economy on the labor market, and the flexible labor market and factors shaping it in modern conditions.

Chapter four examines the digitalization of the economy as a prerequisite for the emergence of new forms of employment. It examines trends in the development of employment forms in the context of economic digitalization, provides a scientific interpretation of the category of freelancing, and describes the place of freelancing in the institution of self-employment.

Chapter five presents improvements to the mechanism for regulating the labor market, which are defined by the main areas for improving employment policy and the priority areas for regulating the labor market in the context of new forms of employment. It also substantiates digital literacy as a key factor in the development of labor relations and new forms of employment, emphasizing that timely adaptation of the national labor market requires increasing the level of digital literacy among the population. In this chapter, the author presents an action plan and defines the tasks of government agencies, the use of which, in the author's opinion, can lead to the desired results reflected in state economic development strategies.

Finally, the author, based on his dissertation research, provides conclusions and proposals that reflect all aspects examined in his study.

**Keywords**: labor, labor market, employment, human capital, new forms of employment, freelance, digital literacy, self-employment, effective use of the labor force, remote work, platform employment, institutions.